Барои ваҳдат, рушди устувори иқтисодӣ ва зиндагии шоистаи мардум!

МИНБАРИ ХАЛҚ

www.hamsafon.tj
E-mail: minbarihalk@bk.ru

1 июни соли 2016, чоршанбе, №22 (1054)

НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН

НАХУСТҶАЛАСАИ ШӮРОИ МИЛЛИИ КОР БО ҶАВОНОН

27 май дар шаҳри Душанбе Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи якуми Шӯрои миллии кор бо ҷавонон дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок ва суханронӣ кард.

саҳ. 2

нуқтаи назар

Бетарафӣ худфиребӣ аст

саҳ. 8

РАФЪИ ОҚИБАТҲОИ ОФАТИ ТАБИЙ

саҳ. 9

эҳтиёт - ними ҳаёт

ҶАБР МАКУН БА ҶОНИ ХУД

саҳ. 11

Матолиби бештарро метавонед аз сомонаи

www.hamsafon.tj

мутолиа кунед.

Минбари халқ
1 июни соли 2016,
№22 (1054)

МАҶЛИСИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

31 май таҳти раёсати Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Раиси Ҳукумати кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси навбатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

Дар маҷлис нахуст масъалаи кадрҳо баррасӣ шуд.

Сипас ҳисоботи раиси ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонии вилояти Хатлон "Оид ба рафти иҷрои Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ" ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот" шунида шуд.

Дар кори маҷлис аъзои Ҳукумат лоиҳаҳои як қатор қонунҳо, аз ҷумла лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизматрасониҳои пардохт ва низоми пардохт", лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон"-ро маъқул дониста, барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намуданд.

Барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагон ҳамчунин хулосаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сиёсати давлатӣ дар соҳаи саноат" ва "Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти обуҳавошиносӣ" пешниҳод карда шуд.

Лоиҳаҳои қарорҳо оид ба пешниҳоди Маҷлиси вакилони халқи вилояти Суғд "Оид ба тағйир додани номи шаҳраки Нови ноҳияи Спитамени вилояти Суғд ба шаҳраки Навкат" ва «Дар бораи низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда шуданд.»

Вобаста ба иҷрои ҳатмӣ ва саривақтии масъалаҳои дар маҷлиси навбатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасишуда ва дигар масъалаҳои муҳими ҷомеа Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Раиси Ҳукумати мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар анҷоми кори ҷаласа ба аъзои Ҳукумат ва роҳбарони дигар вазорату идораҳои дахлдор дастуру супоришҳои мушаххас дод.

НАХУСТҶАЛАСАИ ШӮРОИ МИЛЛИИ КОР БО ҶАВОНОН

саҳ. 1

Таъсиси Шӯро иқдоми навбатии мақоми олии сиёсии мамлакат дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дар оянда робитаи бевосита ва самарабахши ҷавононро бо роҳбарияти кишвар таъмин менамояд.

Сарвари давлат, Раиси Шӯрои миллии кор бо ҷавонон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ изҳор дошт, ки таъсиси Шӯрои мазкур таҳти раёсати Президенти мамлакат ҳадафи мавриди баррасӣ қарор додани масъалаҳои вобаста ба татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ва дар ин замина барои ба корҳои муҳими давлативу ҷамъиятӣ бештар ҷалб кардани онҳоро дошта муносибат бо ҷавонон, роҳандозии усулҳои боз ҳам муассири ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатиро бо ташкилоту созмонҳои ҷавонон тақвият мебахшад.

Тавре таъкид гардид, зери роҳбарии Сарвари давлат амал намудани Шӯрои миллии кор бо ҷавонон намунаи олии эътимоду боварӣ ва эҳтироми роҳбарияти сатҳи олии мамлакат нисбати ҷавононӣ саодатманди кишвар буда, ин тадбир имкон медиҳад, ки пешниҳодоти онҳо ҳарчи бештар дастгирӣ ёбад ва мушкилоти дар ин самт мавҷуда сари вақт баррасию роҳу усулҳои фаъолияти минбаъдаи ҷавонон боз ҳам дақиқу мушаххас карда шаванд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар аз нақш ва мақоми ҷавонон дар ҳаёти иқтисодию иҷтимоии мамлакат ёдовар шуда аз намояндагони ин қишри ҷомеаи шаҳрвандӣ даъват ба амал оварда, ки аз кирдорҳои номатлуби ҷаҳони муосир, аз ҷумла узвият ба ҳар гуна ташкилоту созмонҳои террористию ифротгароӣ ва нашъамандию ҷиноятқорӣ худдорӣ карда бештар ба донишандӯзӣ, корҳои илмию озмоишӣ, ихтироъкорӣ ва тарбияи маънавию варзишии худ машғул шаванд ва дар корҳои муҳими сиёсию ҷамъиятӣ ва таҳияи лоиҳаҳои нави инноватсионӣ ба нафъи давлату миллат фаъолона иштирок намоянд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар кори Шӯро, ба роҳбарони вазорату идораҳои дахлдори мамлакат барои беҳтар гардонидани шароиту имкониятҳои ҷавонон, вусъати бунёди майдону толорҳои варзишӣ бо мақсади солимгардонии ҷомеа ва оммавигардонии варзиш, ҷалби ҳарчи бештари ҷавонон ба мусобиқаҳои варзишӣ, тарғибу ташвиқи варзиш ва тарзи ҳаёти солим, таъмини пешрафти сайёҳӣ ва муҳайё намудани инфрасохтори замонавӣ барои он, таъсиси ҷойҳои иловагии корӣ, ҷудо кардани маблағҳои грантӣ ба ҷавонон барои пешбурди соҳибкории хурду миёна ва дар ин замина ташкили корҳои хонагӣ аз қабили ресандагиву бофандагӣ, қолинбофиву зардӯзӣ ва дигар навъҳои косибӣ, таъсиси марказҳои нави касбомӯзӣ, тарбияи хизматчиёни давлатии ҷавону фаъол ва ташаббускор бо мақсади ба корҳои роҳбарикунанда ҷалб намудани онҳо, пурзӯр намудани корҳои таблиғотӣ дар миёни ҷавонон, бахусус ҷавонони деҳот ва ба шуғл фаро гирифтани онҳо, инчунин мусоидат ба пешгирии роҳи бегонапарастӣ ва гаравидани ҷавонон ба созмону ҳаракатҳои ифротиву террористӣ дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Пас аз суханронии Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон аъзои Шӯро ва дигар иштирокчиёни ҷаласа - Абдуллозода Аҳтам Рустам - раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шаҳзод Раҳимзода - сардори раёсати ҷавонон, варзиш ва сайёҳии вилояти Хатлон, Сурач Чоршанбиев - мудири бахши ҷавонони раёсати ҷавонон, варзиш ва сайёҳии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, Фатҳиддин Солеҳов - директори Маркази миллии имконоти ҷавонони Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дилрухсор Фармонова - олимаи ҷавон ва Гулафзо Пирова - хонандаи синфи 10 - и мактаб - гимназияи давлатии ноҳияи Бохтар, гирандаи стипендияи президентӣ баромад намуда, пеш аз ҳама ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои фароҳам овардани шароитҳои муосири илмомӯзӣ ва ташаббусу ғамхориҳои рӯзафзун баҳри ҷавонони ҷумҳурӣ изҳори сипос карданд,

Аъзои Шӯро дар ҷаласаи нахустин тамоми масъалаҳои ба рӯзномаи ҷаласа воридгардидаро баррасӣ намуда, мавзуъҳои ҷаласаи оянда ва вазифаҳоро муайяну мушаххас карданд.

www.president.tj

ПЕШВОИ МИЛЛАТ ВА ҶАВОНОН

(андешаҳо дар ҳошияи ҷаласаи нахустини Шӯрои миллии кор бо ҷавонони назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон)

Хушбахтона, ифтихори бузург даст дод, ки дар чунин ҷаласаи сатҳи баланд иштирок карда, аз андеша ва дастуру ҳидоятҳои созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро бевосита баҳравар гардидам.

Тавре дар рафти ҷаласа зикр гардид, ҳадаф аз таъсиси Шӯро дар ҳузури Президенти мамлакат мавриди баррасӣ қарор додани масъалаҳои вобаста ба татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон буда, аз ҷониби Президенти мамлакат роҳбарӣ намудани Шӯро намунаи олии эҳтиром ва эътимоди мақоми олии сиёсии кишвар ба ҷавонон мебошад.

Воқеан, баргузории нахустин ҷаласаи Шӯрои миллии кор бо ҷавонони назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дигарбора аз таваҷҷуҳи бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба қишри ҷавони мамлакат шаҳодат дода, зимнан, ишора ба он аст, ки дар шароити тағйирёбии босуръати авзои сиёсии ҷомеаи ҷаҳонӣ дар назди мо- ҷавонон вазифа ва масъулиятҳои нав меистад.

Бояд гуфт, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ дар ин ҷаласа нахуст аз мақому манзалати ҷавонон дар назди давлату ҳукумат ва ватану миллат ёдовар гардида, вобаста ба рушди андешаву тафаккури ин қишри муҳими ҷомеа дар солҳои соҳибистиқлолӣ чунин ибрози андеша намуд: "...истиқлолият роҳи ҷавононро ба сӯи бунёдкориву созандагӣ боз кард ва замина гузошт, ки онҳо дар рушду инкишофи мамлакат саҳми назаррас ва шоиста дошта бошанд. Аз баракати истиқлолияти давлатӣ имрӯз дидгоҳ ва ҷаҳонбинии ҷавонон ба куллӣ тағйир ёфта, сатҳи одобу маърифат ва муносибати онҳо ба зиндагӣ ва иштирокашон дар корҳои давлативу ҷамъиятӣ бамаротиб беҳтар шудааст".

Ин гуфтаҳо ҳисси баланди ифтихори мо ҷавононро аз дастовардҳои солҳои соҳибистиқлолӣ тақвият бахшида, кӯшишҳои моро дар роҳи созандагиву бунёдкорӣ бештар месозад. Ин маънӣ ишора ба он низ ҳаст, ки соли равон аз 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҷашн мегирем ва ин сол барои мо соли имтиҳон ва ташаббускорист. Дар ин сол ва минбаъд мо бояд ҳама он ҳиссиёт ва ифтихори ватанпарваронаву миллатдӯстонаи худро, ки нишон аз самимият ва садоқат ба давлати соҳибистиқлоламон аст, бештар бо амалҳои созандаву меҳнати софдилонаи худ собит созем.

Орзу ҲАМИДОВ,
роҳбари намояндагии ТҶҶ "Созандагони Ватан" дар вилояти Хатлон

ҚАДАМЕ УСТУВОР ДАР ҶОДАИ ВАҲДАТ

24-28-уми май дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон рӯзҳои фарҳанги вилояти Хатлон баргузор гардид. Ба ин чорабинии маърифатӣ, ки ташаббускораш Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, беш аз 200 сокини вилояти Хатлон ҷалб шуд, ки Аҳмадҷон Ализода, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон ва 10 узви дигари ҳизб аз шумули онҳоянд.

Ба иттилои масъулин, мақсад аз ин иқдом тавсеаи ҳамкориҳои фарҳангӣ, густариши рафоқату якдигарфаҳмӣ миёни сокинони ин ду вилоят дар арафаи ҷашни Ваҳдати миллӣ мебошад.

Аъзои хатлонии ҳизб дар шаҳру ноҳияҳои Дарвоз, Рӯшон, Ванҷ, Шуғнон, Ишкошим ва Хоруғ бо аскарону афсарон ва хизматчиёни ҳарбие, ки аз вилояти Хатлон ба ин қисмҳои низомӣ сафарбар шудаанд, вохӯрда, ба онҳо кӯмакҳои моддӣ расониданд.

Ҳунармандони вилояти Хатлон бо саҳнаҳои ҳаҷвӣ, рақсу таронаҳо ва барномаҳои дигари фарҳангӣ дар чандин ҷамоат ва дар варзишгоҳу базмгоҳҳо таҳти унвони "Шоми Ваҳдат" маҳфили ширу шакар ва суруру тараб барпо намуда, ҳамзамон маҳсули дастранҷи кишоварзону саноатчиён ва ҳунармандону кадбонуҳо ба маъраз гузошта шуда, бо нархи аз бозор арзон ба фурӯш гузошта шуд.

Умед МИРЗОЕВ

25 ҲАФТАИ КОРҲОИ СОЗАНДАГИВУ ОБОДОНӢ

Аз ҷониби Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳри Турсунзода баҳри сазовор пешвоз гирифтани ҷашни 25-солагии Истиқлолияти Давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 25 ҳафтаи корҳои созандагиву ободонии Ватан эълон гардид. То ин рӯз чунин чорабиниҳо таҳти унвони "Наврӯзи байналмилалӣ," Тарбияи Ватандӯстӣ", "Варзиш баҳри сулҳу ваҳдат ва тараққиёт", "Чорабиниҳои ҳарбӣ-ватандӯстӣ дар миёни ҷавонон", "Ҳифзи муҳити зист", "Тарғиби муҳити биҳиштосои Ватан", "Аёдат ва қадрдонии иштирокчиёни ҶБВ" ва "Китоб дӯсти кӯдакону наврасон", "Боздид аз осорхонаҳо", "Ҷавонӣ" ва ғайраҳо доир гардиданд.

Чорабинии навбатӣ ба ҷавонон бахшида шуд. Дар чорчӯбаи он озмуни Суханвари беҳтарин доир гардид, ки дар он ҷавонон аз ҳисоби кормандони соҳаи тандурустӣ, маориф ва бонкҳои шаҳр иштирок намуданд.

Озмуни "Суханвари беҳтарин" бо мақсади дарёфти чеҳраҳои ҷавони суханвар, тарбияи кадрҳои ҷавони болаёқат ва дорои дониши амиқи сиёсиву маҳорати волои суханварӣ бо фарогирии тамоми ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ дар ду давр сурат мегирад. Дар чорчӯбаи даври якум озмуни мазкур миёни кормандони муассисаҳои таълимии шаҳр дар МТМУ №18 барпо шуд. Ҳайати ҳакамон ба маҳорати суханварӣ, шеърхонӣ, дониши сиёсӣ ва фарҳанги либоспӯшии иштирокчиён баҳо доданд ва ғолибон бо туҳфаҳои Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон сазовор гардиданд.

Дар ҷараёни чорабинии 25 ҳафтаи корҳои ободониву созандагӣ ҷавонони зиёд баҳри ободу зебо кардани шаҳри Турсунзода тавассути ҳашарҳои умумихалқӣ саҳми босазо гузоштанд. Бар иловаи чорабиниҳои фарҳангӣ корҳои тозакунии кӯчаҳо, соҳили дарёву каналҳо, ба тартиб даровардани беш аз 35 гектар ҷангалзори атрофи шаҳр, сохтмони бинои маъмурии ҳизб, ки бояд дар арафаи 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гирад, амалӣ гардиданд.

Инчунин дар арафаи ҷашни 71-солагии Ғалаба дар доираи ин чорабиниҳо аъзои ҷавони ҳизб аз вазъи зиндагонии собиқадорони ҶБВ хабар гирифта, ба онҳо туҳфаҳои хотиравӣ тақдим намуданд.

Кумитаи иҷроияи ҲХДТ нақша дорад, ки чунин чорабиниҳоро то ҷашни Истиқлолияти давлатӣ боз ҳам рангину ҷолибтар ба роҳ монад.

Нодираи МУҲАММАДЗОДА

"ҶОМИ ШАҲРДОРӢ-2016":

"ҲХДТ" БА 2/1 ФИНАЛ РОҲ ЁФТ

Дастаи футболи "ҲХДТ" (Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон) дар даври 4/1-ниҳоии мусобиқаи футболи хурд барои дарёфти "Ҷоми шаҳрдорӣ-2016", дастаи "Гумрук"-и Раёсати Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанберо бо ҳисоби 6:2 шикаст дода, ба даври нимниҳоии мусобиқа роҳ ёфт.

Сабқат миёни ин дастаҳо шоми 30 май дар майдончаи Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи Саидмӯъмин Раҳимов баргузор гардид. Дар ин дидор футболбозони ҳар ду даста ҳам барои роҳ ёфтан ба даври нимниҳоии мусобиқа маҳорати хуб нишон доданд. Дар дақиқаи 15-уми бозӣ нахустин шуда, футболбозони дастаи "ҲХДТ" ҳисобро кушоданд. Аммо пас аз 4 дақиқа, яъне дар дақиқаҳои охири нимаи аввали сабқат, ҳарифонашон дарвозаи онҳоро рахна карда, ҳисобро баробар намуданд. Бо ҳамин натиҷа дастаҳо ба танаффус баромаданд.

Дар дақиқаҳои аввали нимаи дуюми дидор футболбозони дастаи "Гумрук" маротибаи дуюм тӯбро ба дарвозаи ҳарифони худ ворид намуданд. Ин ҳолат футболбозони дастаи "ҲХДТ"-ро маҷбур сохт, ки дарвозабони худро иваз кунанд ва ҳамин тавр ҳам шуд. Пас аз ин равиши бозии дастаи "ҲХДТ" ба куллӣ тағйир ёфт ва бо панҷ голи пай дар пайи ғолибияти соф ба даст оварданд.

Ҳамин тариқ, дар идомаи мусобиқа барои дарёфти "Ҷоми шаҳрдорӣ-2016" ва сазовор шудани ҷойҳои ифтихорӣ чаҳор даста, миёни ҳам қувваозмоӣ хоҳанд кард. Дар асоси низомномаи мусобиқа дастаи "ҲХДТ" дар даври нимниҳоӣ рӯзи 2 июн, бо дастаи "Динамо"-и Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сабқат мебарояд.

Ин мусобиқа соли ҳаштум аст, ки доир мегардад ва дастаи "ҲХДТ" соли гузашта бори нахуст дар ин мусобиқа ширкат варзида, финалисти ин мусобиқа шуд.

И.ТОҲИР

Минбари халқ
1 июни соли 2016,
№22 (1054)

Дар роҳи пойдории кишвар

Бо ташаббуси аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 майи соли ҷорӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон тариқи раъйпурсии умумихалқӣ баъзе тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд.

АЛБАТТА, ҳар як ташаббус ва гомҳои накӯ мақсаду маром ва зарурияти худро доранд.

Ҷомеаи ҷаҳонӣ босуръат рушд мекунад. Ин рушди устувор ва тағйиру таҳаввулот ба ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвари мо бетаъсир буда наметавонад, зеро Тоҷикистон узви фаъоли он аст. Аз ин рӯ, санадҳои ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла Конститутсия бояд ба чунин дигаргуниҳо мутобиқ ва ҳамқадам бошанд. Зеро онҳо наметавонанд ба раванди ҷомеа дар мухолифат бошанд. Гузашта аз ин, тайи солҳои охир Тоҷикистон дар самтҳои мухталифи ҳаёт пешравиҳои ҷиддӣ кард. Ворид намудани тағйиру иловаҳо ва ё дар таҳрири нав қабул кардани Конститутсия хоси танҳо кишвари мо набуда, ба тамоми кишварҳои дунё хос роиҷ аст. Ин раванд дар кишварҳои Фаронса, Олмон, Туркия, Гурҷистон, Ӯзбекистон ва дигар давлатҳо зиёд ва ба маротиб бештар ба назар мерасад.

Мо шоҳиди дар оғози солҳои навад ба Тоҷикистон ворид гардидани муносибатҳои нави сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба монанди гуногунандешӣ, гуногунҳизбӣ, иқтисодиёти бозаргонӣ, ба мардум тааллуқ доштани ҳокимият ва дигар принсипҳои демократӣ гаштем. Ва дидем, ки онҳо бо қонунгузории мо созгор набуданд. Зеро қонунҳои мо бо назардошти муносиботи даврони Шӯравӣ ба монанди яккаҳизбӣ, яккандешӣ, иқтисоди нақшавӣ ва дигар принсипҳои якхелаи сохтори давлатӣ ва ниҳодҳои шаҳрвандӣ, аз ҷумла рушди муносибатҳои онҳо дар оянда таъсири мусбӣ хоҳад расонд. Зеро Конститутсия асоси сохтору фаъолият ва муносибатҳои мақомотҳои давлатию ғайридавлатӣ ва низоми идоракуниро муайян мекунад. Гузашта аз ин, тағйиру иловаҳои пешниҳодгардида барои устувории сохтори давлативу ҷамъиятӣ, рушди демократия, таъмини сулҳу субот, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд, ҳимояи манфиати давлат, пешгирии ҳар гуна қонуншиканӣ, хоса пешгирии ҳаракатҳои террористиву экстремистӣ равона карда шудаанд. Манъи таъсиси ҳизбҳои дорои хусусияти динию миллӣ низ ба ҳамин мақсад аст. Зеро маромии ҳар як ҳизб ба сари ҳокимият омадан ва бо назардошти ҳадафҳои худ дигаргун кардани сохти давлативу ҷамъиятӣ мебошад. Ҳизбҳои динӣ ва миллӣ хеле ҳассос мебошанд ва метавонанд дар ҳар ҷомеа боис ба оқибатҳои ногувору нохуш шаванд. Имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ шоҳиди ин гуна оқибатҳои даҳшатбори ҳизбу ҳаракатҳои диниву миллӣ мебошад. Гузашта аз ин, чунин ҳизбҳо дар дигар кишварҳои мутараққӣ ва ҷомеаи мутамаддин дида намешаванд ва мо ҳам намехоҳем, ки онҳо дар Тоҷикистон вуҷуд дошта бошанд. Инчунин мавҷудияти чунин ҳизбҳо ба моҳияти демократӣ ва дунявии давлату ҷомеа созгор буда наметавонад.

Дар ин росто дарҷ кардан бамаврид аст, ки зиёда аз навад дар сади мардуми Тоҷикистон мусалмон аст ва аксари онро тоҷикон ташкил медиҳанд. Таъсиси чунин ҳизбҳо метавонад баробарҳуқуқии мардумонро новобаста аз нажоду миллат, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, ки дар худи конститутсия муқаррар шудааст, халалдор кунад.

Тағйиру иловаҳои пешниҳодгардида ҳамзамон барои таҳкими минбаъдаи низоми идоракунии давлатӣ, сохтор ва фаъолияти мақомотҳои давлатӣ ва ниҳодҳои шаҳрвандӣ, аз ҷумла рушди муносибатҳои онҳо дар оянда таъсири мусбӣ хоҳад расонд. Зеро Конститутсия асоси сохтору фаъолият ва муносибатҳои мақомотҳои давлатию ғайридавлатӣ ва низоми идоракуниро муайян мекунад. Гузашта аз ин, тағйиру иловаҳои пешниҳодгардида барои якранг кардан ва таъмини ҳарчи бештари баробарии мақоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ мусоидат менамояд. Ва бо ин мақсад мувофиқатии синну сол барои соҳиб гардидан ба мансабҳо, савганд ёд кардан ва танҳо дошатани шаҳрвандии Тоҷикистон барои дар ин шохаҳои ҳокимият кору фаъолият кардан дар тағйиру иловаҳо ҷой дода шуданд.

Яке аз ҷузъҳои асосии ин тағйиру иловаҳо ба Асосгузори сулҳу Ваҳдат - Пешвои миллат паҳн нагардидани маҳдудият ҷиҳати пешбарӣ намудан ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Моҳи декабри соли 2015 бо талабу дархости мардум ва пешниҳоди аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат" қабул гардид.

Бояд қайд кард, ки мақоми Пешвои миллат дар аксар мардуму миллатҳо, хоса дар давраҳои ҳассосу пуртазод рӯи кор меоянд. Мо мисоли ин гуфтаҳоро дар кишварҳои пешрафти дунё низ мебинем ва борҳо дар ин бора бо мисолҳои мушаххас баромаду мақолаҳо ба мардум пешкаш карда шуданд.

Масалан, Мустафо Камол пас аз ба сари ҳокимият омадан дар Туркия дар самтҳои мухталифи ҳаёти кишвараш ислоҳоти доманадор рӯи кор оварад. Аз ҷумла, барҳам задани Хилофат, сохти султонӣ, ба тарзи дунявӣ пеш бурдани зиндагӣ, озодандешӣ ва дигар принсипҳои мардумӣ (демократӣ) қисми бунёдии ин ислоҳотро ташкил медоданд. Барои аз забони арабӣ ва форсӣ тоза кардани забони туркӣ корҳои зиёд ба анҷом расонид.

Чунин ислоҳот боис шуд, ки имрӯз Туркия яке аз кишварҳои пешрафтаи дунё аст. Дорои нерӯҳои бузурги иқтисодиву ҳарбӣ мебошад. Дар Туркия бисёр шоҳу амиру султонҳо буданд, вале чун Мустафо Камол натавонистанд ба чунин пешрафти беназир муваффақ шаванд. Ва ин буд, ки мардум ӯро Отатурк, яъне Падар ё Пешвои миллати турк хонданд. Ҳатто дар гузашта, дар давлатдории миллии модаврони Сосониён, Сомониён (дар гузаштаи бостон низ) чунин шахсиятҳо, ба монанди Анӯшервон ва Исмоили Сомонӣ ба ин мақом соҳиб буданд. Мутаассифона, имрӯзҳо мунҳариф (дур шудан) гаштани баъзе сиёсатмадорони Туркия аз ин роҳи Камол Отатурк мебинем ва ин ҳол боиси халалдор гардидани амну ободии Туркияро ва мардуми он шудааст.

Президенти муҳтарами кишвар - Эмомалӣ Раҳмон низ дар лаҳзаҳои бисёр тақдирсози миллату кишвар рӯи кор омада, ба муваффақиятҳои беназир дастёб гардид ва пеш аз ҳама мардуму кишварро аз тӯфони нобуди раҳонида, ба соҳили мурод расонид. Имрӯз мо тоҷиконро як мардуми озод ва Тоҷикистонро кишвари обод мебинем. Ҳатто барои зинда кардани номи абармардони фарҳангу сиёсат, таъриху забони мардуми тоҷик хизматҳои - Пешвои миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бесобиқа аст. Дар нахустбаромади худ ба сифати Сарвари кишвар дар иҷлосияи 16 таърихии Маҷлиси Олӣ, ки дар шаҳри Хуҷанд баргузор гардид, дар баробари бисёр масоили мубрами онрӯза, иброз намуданд, ки «Тоҷикистонро дар оянда ҳамчун давлати демокративу ҳуқуқбунёд ва дунявию ягона мебинам.» Ин нукта дар моддаи 1 Конститутсия ва дигар моддаҳои он тасдиқи худро пайдо кард. Чунин хизматҳои бузург ва ислоҳотҳои густурдаи сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангӣ буд, ки Президенти муҳтарами кишвар - Эмомалӣ Раҳмон барҳақ ба унвон ё мақоми шоиста - Пешвои миллат соҳиб гардиданд.

Тағйиру иловаҳои воридшуда дар роҳи ба қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ мутобиқ кардани чандин вожаҳои Конститутсия, ба монанди иваз кардани ҷиноӣ ба ҷиноят, ҳақ ба ҳуқуқ, ҷамъият ба ҷомеа, додан ба супоридан, марз ба ҳудуд ва дигар дорои аҳамияти калон аст.

Ба ҳам созгор намудани вожа ва мафҳумҳо дар худи дохили Конститутсия, ба монанди иваз кардани вожаҳои «ташкил» ба таъсис, қарордод ба шартнома, сохт ба сохтор ва монанди инҳо барои суфта ва комилу пурра гардидани мазмуну моҳият, забон ва мазмуну мундариҷаи он аҳамияти муҳим дорад. Зеро дар Конститутсия вобаста ба як меъёр вожаҳои номбурда ба таври гуногун истифода шудаанд.

Конститутсияи Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 қабул гардид ва вазъи онрӯзаи кишвар на танҳо ба шаҳрвандони Тоҷикистон, балки ба ҷаҳониён маълум буд. Дар кишвар ҷанги шаҳрвандӣ идома дошт ва дар чунин шароит қабул кардани Санади асосӣ, албатта аз камбудиҳои ҷузъӣ, ба монанди гуногунии калимаву ибораҳо холӣ буда наметавонист, ҳарчанд аз тарафи донишмандони соҳа ва коршиносони сатҳи ҷаҳонӣ Конститутсия аз нигоҳи мазмуну моҳият баҳои баланд гирифт. Инчунин соли 2011 (4 октябр) аз тарафи Ҳукумати Тоҷикистон Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ тасдиқ гардид. Бо мақсади созгор кардани вожаву калимаҳои Конститутсия ба қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва истилоҳу меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ низ ин тағйиру иловаҳо пешниҳод карда шудаанд.

Хушбахтона, мардуми шарифи Тоҷикистон бо дарки баланди масъулияти ватандорӣ 22 майи соли 2016 аксари мутлақ ба тарафдории ин тағйиру иловаҳо раъй доданд ва албатта ин иқдом боиси пешравию шукуфоӣ ва пойдории кишвари азиз-Тоҷикистон ва таъмини зиндагии шоистаи мардуми Тоҷикистон хоҳад шуд.

Конститутсияи Тоҷикистон бахтномаи миллат, санади асосии муайянкунандаи сохти давлатдорӣ, танзимкунандаи рӯзгори мардум ва иродаи худи халқ буд, арҷ гузоштан ва риоя намудани меъёрҳои он вазифаи ҳар як сокини кишвар аст.

С. ШОНАЗАРОВ,
ҳуқуқшинос, мушовири давлатии адлияи дараҷаи 3

25 ИҚДОМИ БУЗУРГ –





Дар миёни се ҳадафи стратегии давлат, ки дар солҳои Истиқлол эълон ва ба тадриҷ пайгирӣ мешавад, барномаҳои расидан ба истиқлоли энергетикӣ ҳам зина ба зина ба ичро мерасанд. Лозим ба ёдоварӣ аст, ки кишвари мо ҳанӯз аз солҳои аввали ташкили Иттиҳоди Шӯравӣ ва таъсиси Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон мавриди таваҷҷуҳи мутахассисони соҳаи барқ қарор гирифта буд. Ин таваҷҷуҳ вобаста ба шароити ҷуғрофӣ ва мавҷудияти манбаъҳои фаровони оби рӯду дарёҳои кӯҳистонӣ сол ба сол бештар шудааст.

ТОҶИКИСТОН – МАЗҲАРИ НУР

"ВАРЗОБ - ГЭС" УМРИ ДУБОРА ДИД

Нерӯгоҳи барқи обии "Варзоб-1" аз нахустин марказҳои истеҳсоли барқ дар Тоҷикистон аст.

Он яке аз се нерӯгоҳе буд, ки бо истифода аз оби рӯди Варзоб сохта шуд.

Иқтидори нерӯгоҳи аввал 7,3 МВт ва НБО "Варзоб -3" - 3,52 МВт буд. Аз ҳама нерӯмандтарини онҳо "Варзоб-2" буд, ки тавоноии истеҳсоли 14,76 МВт нерӯи барқро дошт.

Нерӯгоҳи "Варзоб -1" нахустин нерӯгоҳ аз ин силсила аст, ки ҳанӯз дар соли 1936, яъне 80 сол пеш сохта шуда, мавриди истифода қарор гирифт.

Дар солҳои ахири мавҷудияти Иттиҳоди Шӯравӣ ин нерӯгоҳ аз нигоҳи техникӣ фарсуда шуда, дар ҳолати нимакора фаъолият мекард. Ба ин далел ҳанӯз дар солҳои аввали пас аз истиқлол масъалаи навсозии он пеш омад. Бар асоси барномаи давлат дар солҳои аввали истиқлол тарҳи бозсозии нерӯгоҳ таҳия гардид, ки баъдтар мавриди иҷро қарор гирифт. Он дар ниҳоят бо маблағи 23 миллион доллар дар ҳамкорӣ бо ҳукумати Ҳинд аз сӯи ширкатҳои Bharat Heavy Electricals Limited (BHEL) ва National Power Corporation (NHPC) навсозӣ шуд. Бар асоси тарҳе, ки ин ширкатҳои ҳиндӣ таҳия карда ба иҷро расонданд, ҳолати устувории сохтмони нерӯгоҳ, коршоямии таҷҳизоти мавҷуд дар он санҷида, таъмири асосии дастгоҳҳо анҷом шуд.

Тибқи тарҳи навсозӣ қисмҳои аз корбаромада иваз гардид. Тавре масъулони Ширкати холдингии "Барқи тоҷик" гуфтанд: "Барои кори таъмиру таҷҳиз тамоми воситаҳои нави техникӣ барои нерӯгоҳ аз Ҳинд ба Тоҷикистон оварда шуданд.

Дар маҷмӯъ се вагон таҷҳизоти лозим , турбинаҳо ва генераторҳои нав аз ин кишвар оварда шуданд. Амалиёти навсозии ин нерӯгоҳ се сол идома кард.

Дар натиҷаи навсозӣ иқтидори нерӯгоҳ аз 7,3 то 9,4 МВт афзуда, коршоямӣ ва тавонмандиаш барои 50 соли дигар дароз гардид. Имрӯз "Варзоб-1" ноҳияи Варзоб ва қисман шаҳри Душанберо бо нерӯи барқ ва оби софшуда дар обанбори он сокинонро бо оби нӯшокӣ таъмин мекунад.

"САНГТӮДА 1 ВА 2" НАМУНАҲОЕ АЗ ҲАМКОРӢ БО САРМОЯГУЗОРОНИ ХОРИҶӢ

Лоиҳаи ин ду нерӯгоҳ солҳои 70 асри гузашта таҳия шуда, дар солҳои 80 оғоз гардид. Аммо аввали солҳои 90 ба сабаби оғози ҷанги дохилӣ ва қатъ шудани сармоягузорӣ кори сохтмон дар нерӯгоҳи "Сангтӯда 1" барои вақти номуайян қатъ шуда буд.

Пас аз кӯшишҳои зиёди давлати Тоҷикистон ва анҷоми музокирот бо шарикони хориҷӣ Русия ва Эрон барои идомаи кор дар ин иншоот изҳори омодагӣ карданд.

Соли 1995 дар Душанбе протоколи сохтмони нерӯгоҳҳои 1 ва 2 байни Тоҷикистон, Русия ва Эрон ба имзо расид. Бар асоси ин санад, Тоҷикистон яке аз ин нерӯгоҳҳоро дар ҳамкорӣ бо Русия ва дигареро бо Эрон бояд ба анҷом мерасонд. Эрон аз ҷумла эълон кард, ки барои сохтани "Сангтӯда 2" 180 миллион доллар сармоягузорӣ мекунад.

Барои анҷоми корҳо ширкати "Сангоб"-и Эрон ҷалб шуд. Ба таври расмӣ кори сохтмон дар моҳи феврали соли 2006 шурӯъ гардид.

Чархаи аввали он 5 сентябри соли 2011 ба истеҳсоли барқ пардохт. Агрегати дуюм бошад, пас аз се сол, яъне дар сентябри соли 2014 ба таври комил мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.

Нерӯгоҳ аз ду агрегат иборат буда, дар маҷмӯъ 220 МВт нерӯи барқ тавлид мекунад. Тавоноии солонаи нерӯгоҳ истеҳсоли 1 миллиард кВт соат муайян шудааст.

Ҳамин гуна як тарҳи дигари бо сармояи хориҷӣ сохташуда нерӯгоҳи "Сангтӯда 1" аст. Онро мутахассисони Русия бо сармояи ин кишвар дар муддати чор сол сохтанд.

Иқтидори умумии нерӯгоҳи барқи обии номбурда 670 МВт аст. Дар нерӯгоҳ 4 агрегат насб шуда, ки иқтидори ҳар кадом 165,5 мВт аст. Се агрегат солҳои 2007-2008, агрегати чорум соли 2009 мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтанд.

Ҳардуи ин нерӯгоҳҳо намунаи барҷастаи ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо кишвар ва сармоягузорони хориҷӣ дониста мешаванд.

НАВБАТИ НЕРӮГОҲИ "РОҒУН" ҲАМ РАСИДААСТ

Ниҳодҳои давлати Тоҷикистон акнун тамоми саъю талоши худро барои ба кор даровардани нерӯгоҳи "Роғун" равона кардаанд. Тавре Усмоналӣ Усмонзода, вазири энергетика ва захираҳои обии кишвар чанде пеш изҳор дошт:

-Мавзӯи ба кор андохтани ин нерӯгоҳ бахше аз барномаи рушди энергетикаи Тоҷикистон барои се соли оянда аст.

Ба гуфтаи ӯ, тамоми таҷҳизоти лозим барои ба кор андохтани ду агрегати аввали он дар Тоҷикистон мавҷуд мебошад. Дар ҳоле, ки бахше аз онҳо аз даврони Иттиҳоди Шӯравӣ ба кишвар ворид гардида буд, қисми дастраснабуда ҳам дар солҳои ахир аз Украина харидорӣ шуда, ба кишвар интиқол ёфтааст.

Ин манбаъ қайд кард, ки иқтидори ду агрегати аввали нерӯгоҳ 800 МВт мебошад. Тавре маълум аст, НБО-и Роғун бо сарбанди 335 метр бояд сохта шавад. Ин мавзӯе аст, ки боиси баҳсу норозигии баъзе аз кишварҳои минтақа буда ва яке аз сабабҳои ба дарозо кашидани сохтмон низ шудааст.

Нафақат баландии сарбанд , балки дар зери кӯҳ ҷой гирифтани тамоми агрегатҳои нерӯгоҳ ҳам аз чизҳои фарқкунандаи ин лоиҳа аз лоиҳаҳои монанди он аст. Тибқи нақша, агрегатҳои нерӯгоҳ дар сохтмоне, ки 220 метр дарозӣ ва 22 метр паҳно дорад, дар зери замин ҷойгир шудааст.

Иқтидори нерӯгоҳ бар асоси лоиҳа 3600 МВт ва истеҳсоли солона 13,1 млрд кВт соат пешбинӣ шудааст.

Дар декабри соли 2010 кори сохтмон дар туннели аввали ин нерӯгоҳ ба анҷом расид. Дар ҳамон сол Тоҷикистон бо Бонки ҷаҳонӣ дар мавриди анҷоми ташхиси байналмилалии маҳали сохтмони нерӯгоҳ қарордод ба имзо расонд. Дар муддати се сол ин ташхис аз сӯи ширкати швейтсарии "Poyry Energy Ltd" анҷом гирифт, ки натиҷаи он асоси дигари хубу эътимодбахши илмӣ барои идомаи сохтмон аст.

Бинобар пажӯҳишҳои нави анҷомшуда арзиши сохтмони ин нерӯгоҳ 2,2 миллиард доллар буда, ки аз ин барои навбати аввали он 600 миллион доллар сарф мешавад.

Бо таваҷҷуҳ ба баҳсҳое, ки сари ин нерӯгоҳ дар беш аз ду даҳсолаи ахир идома дорад, зарур аст, ёдовар шавем, ки лоиҳаи нерӯгоҳи барқи обии Роғун дар соли 1974 аз сӯи "Средазгидропроект" (Тошкент), таҳия шуда ва то соли 1992 мавриди иҷро қарор дошт. Ба гуфтаи мақомот то оғози нооромиҳо дар Тоҷикистон, қариб 40 дарсади корҳои сохтмонӣ ба анҷом расида буд.

Оғози ҷанг ва қатъи сармоягузорӣ боис шуд, ки сохтмони нерӯгоҳ, ки шашумин нерӯгоҳ дар дарёи Вахш хоҳад буд, то ба имрӯз нотамом монад.

Гирифтории Тоҷикистон ба ҷанги шаҳрвандӣ ва аз байн рафтани пайвандҳои қаблии кишвар бо ҷумҳуриҳои собиқ Шӯравӣ дар соҳаи энергетика боис гардид, ки баъзе аз кишварҳо ин лоиҳаро ба баҳсҳои сиёсӣ кашида, барои идомаи иҷрои он монеа эҷод кунанд. Ин омил инчунин боиси тӯл кашидани иҷрои он шуд.

Ба ҳар сурат, Тоҷикистон бо навсозии нерӯгоҳҳои пешина ва ба кор андохтани ду нерӯгоҳи бузургу даҳҳо нерӯгоҳҳои хурди барқи обӣ акнун ба кишвари истеҳсолкунандаи барқи арзону аз нигоҳи экологӣ тоза дар минтақа табдил ёфтааст. Анҷоми сохтмони НБО-и "Роғун" ин мавзеи кишварро тақвият хоҳад кард. Барқ ин нур, гармӣ, ободӣ ва рушд аст.

Тоҷикистон, ки кишвари офтобиву сабз аст, бо такмили барномаҳои энергетикии худ ба кишвари нур ҳам табдил меёбад.

Солеҳ ЮСУФОВ

Халқи куҳанбунёду соҳибфарҳанги тоҷик дар остонаи таҷлили ҷашни фархундаи 25-умин солгарди истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки чун санаи тақдирсоз имрӯзу ояндаи миллати моро муайян намудааст, қарор дорад. Аҳли кишвар дар партави дастуру ҳидоятҳои созандаи Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар муҳлати кӯтоҳи таърихӣ пояҳои давлати тозаистиқлоли худро мустаҳкам карда, бо амалисозии ниёзу армонҳои худ дар доираи ҳадафҳо ва самтҳои асосии сиёсати дохиливу хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо як ҷаҳон шукргузориву ифтихор ин ҷашни муқаддаси миллиро истиқбол мегирад. Дар давоми чоряк асри Истиқлолият ба шарофати сиёсати оқилонаи Сарвари давлат дар ҳама соҳаҳои иқтисодиёт ислоҳот босуръат идома ёфт.

ПЕШВОИ МИЛЛАТ

ВА РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ МАМЛАКАТИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ

ШАҲРВАНДОНИ кишвар ҷиҳати таъмини иҷрои ҳидоятҳои созандаи Сарвари давлат - таъмини истиқлолияти энергетикӣ, аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳо намудани мамлакат ва ҳифзи амнияти озуқаворию он, таҳкими суботи иқтисодиву иҷтимоӣ дар шароити афзалияти муносибатҳои нави иқтисодӣ ислоҳоти амиқро пайгирона амалӣ мекунанд. Бо ин мақсад дар мамлакат корҳои созандагиву бунёдкорӣ рӯз аз рӯз вусъат ёфта, бо ташаббусҳои ватандӯстона дастовардҳои истиқлолияти давлатии кишвар боз ҳам афзунтар мегарданд.

Барои амиқтар сарфаҳм рафтан ба вазъи иҷтимоию иқтисодии мамлакат мо бояд давраҳои аввали истиқлолиятро ба хотир орем.

1. Баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон, чун дигар ҷумҳуриҳои ин иттиҳод, истиқлолияти давлатии худро ба даст овард. Пайваста ба ин ҳодисоти таърих, масъалае ба миён омад: - кадом роҳи стратегии рушди иқтисодиёти мамлакатро бояд пеш гирифт?

Гуфтан лозим аст, ки дар ҳамон давра олимон, мутахассисони корхона ва вазорату кумитаҳо ба гурӯҳҳо тақсим шуда буданд. Яке аз онҳо тарафдори сохти маъмурию амрдиҳӣ ва ба фикри онҳо ин сохти иқтисодиро такмил дода, ба шароити истиқлолияти давлатии Тоҷикистон мутобиқ гардонида шавад. Дигаре боварӣ доштанд, ки танҳо бо бунёди сохти иқтисодии бозорие, ки дар аксарияти мамлакатҳои ҷаҳон бартарии худро исбот карда буд, рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакатро таъмин намудан имконпазир аст.

Барои ҳалли ин масъалаи доғи рӯз саҳми Президенти кишвар басо калон аст. Дар аввалин баромади худ аз минбари Созмони Миллали Мутаҳид Сарвари давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон гуфтанд: Роҳи пешгирифтаи Тоҷикистон ин тавлиди сохти иқтисодии бозории мутамаддин, ки рӯ ба иҷтимоиёт нигаронида аст. Ин интихоби Сарвари кишвар, ягона интихоби дурандешонаю оқилона дуруст буд.

2. Дар самти роҳандозии низоми иқтисоди бозорӣ тазодҳо, зиддиятҳои ақидавию амалӣ мушоҳида мешуд. Дар ин асно масъалаи дигаре ба миён омад, ки он бо муайян намудани самти назариявию амалӣ оид ба гузаронидани ислоҳоти иқтисодӣ бо мақсади ташкил намудани низоми муносибатҳои бозорӣ дар кишвар вобаста буд. Зарурати дигаргунсозиҳои куллан нав ва хеле суръатноки таркиби иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа таъкид мешуд, ки асосҳои назариявии онро либерализми бунёдӣ ташкил медод. Ин роҳ демонтаж ё шикасти фаврӣ сохти маъмурию амрдиҳиро пешбини менамуд. Зеро ки ин низом, ки дар сохтори иқтисодиёти сотсиализми давлатӣ амал мекард, ба бӯҳрони фарогир ҳидоят намуд, ки асосаш рад кардани ташаббусу ҳавасмандӣ, ҳамчун муҳаррики рушди иқтисодӣ буд.

3. Марҳилаи муҳимтарини ташаккул ва рушди иқтисоди бозаргонии кишвар бо таҳияи Барномаи таҳаввулоти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 1995-2000 вобаста буда, бо ташаббуси Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон тартиб дода шуд, ки онро Парлумони ҷумҳурӣ тасдиқ намуд. Бояд гуфт, ки набудани барнома, ҷараёни маблағгузории хориҷӣ, кӯмаки молиявии байналмилалии асъор ва бонкҳои рушди иқтисоди минтақавию ҷаҳониро душвор мегардонид. Дар доираи барнома мебоист хусусигардонии моликияти давлатӣ, озод кардани нарху фаъолияти иқтисоди бурунмарзӣ, боздоштани беқурбшавии пул, ташкили низоми мӯътадили пулию қарзӣ ва дар самти ташаккули асосҳои иқтисодиёти бозоргонӣ, такмили истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонӣ, беҳтаргардонии шароити моддиву иҷтимоии аҳолӣ барин тадбирҳо ба амал татбиқ карда мешуданд. Бисёр вазифаҳои принсипиалии Барнома бомуваффақият иҷро шуданд.

4. Ба туфайли амалҳои мақсадноки Президент ва Ҳукумати Тоҷикистон вазъияти муътақидан нави иқтисодӣ ҷараён мегирад, ки бо ташаккули низоми созгори муассисаҳои идоракунӣ ва психологияи бозории роҳбарони корхонаҳо, хоҷагиҳо ва қисми бештари аҳолӣ алоқаманд мебошад. Дар натиҷа, танзими давлатии иқтисодиёти давраи гузариш бештар замонавӣ гардида, муносибати субъектҳои хоҷагидор ба таҳаввулоти бозор бетарафона шуд.

Ҷорӣ намудани асъори миллӣ (рубл дар соли 1995 ва сомонӣ дар соли 2000) имкон дод, ки низоми созгори пулии кишвар ташкил дода, сиёсати ҷиддии монетарӣ ба роҳ монда шавад. Қабули стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва андешидани тадбирҳо дар ин самт, инчунин таҳким додани ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ шароити мусоид барои рушди иқтисодии кишвар фароҳам овард.

5. Таҳқиқи зуҳуроте, ки дар иқтисодиёти муосири кишвар ба вуқуъ мепайвандад, шаҳодат аз он медиҳад, ки раванди таҳаввулоти бозорӣ дар Тоҷикистон бебозгашт буда, эътимоди аҳолӣ дар дуруст будани сиёсати пешгирифтаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун сиёсати созандагӣ торафт баланд шуда истодааст.

Роҳи тайнамудаи иқтисодиёт дар давраи соҳибистиқлолии кишвар хеле вазнину мураккаб буд ва ба он якҷониба баҳо додан нодуруст аст. Дар нахуст марҳилаи гузариш ба низоми иқтисодии бозорӣ тамоили пастравии маҷмӯи маҳсулоти дохила то соли 1997 идома ёфт ва он ба шикасти молиявӣ-иқтисодӣ ва робитаҳои истеҳсолие, ки ба доираи комплекси ягонаи хоҷагии халқи Иттиҳоди Шӯравӣ амалкунанда вобаста аст ва ҳамчунин бо дигар омилҳои дохилию беруна марбут мебошад. Вазъият бо сабаби ҷанги шаҳрвандӣ ва суст гардидани фишангҳои идоракунии иқтисодиёт боз ҳам ташвишовар гардид. Ба нисф камшавии ҳаҷми истеҳсоли саноатӣ ва аз се як - маҳсулоти кишоварзӣ, ба дараҷаи қонеъ намудани талаботи аҳолӣ ба озуқаю дигар молҳои ниёзи мардум ва сатҳи зиндагии онҳо, таъсири манфӣ расонид. Ҳаҷми умумии маблағгузорӣ нисбати соли 1991 ба соҳаи иқтисод 10 маротиба кам шуд. Ин омилҳо боиси барқарор намудани қудрати истеҳсолӣ ва гузаронидани ислоҳоти иқтисодӣ дар асоси принсипҳои бозоргонӣ гардиданд.

Қайд кардан зарур аст, ки соли 1997 - соли сулҳу ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон - соли ба эътидол омадани вазъи макроиқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Пас аз ин, мунтазам болоравии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар соҳаҳои асосии хоҷагии халқ - саноату кишоварзӣ ба назар мерасад.

Инкишофи иқтисодиёт асоси ҳаёти ҷамъиятӣ буда, замина ба баланд гардидани дараҷа ва беҳтар намудани сифати зиндагӣ мегузорад. Дар ҷамъият Қонуни умумии объективии "бемайлон ва пай дар пай афзоиши талабот" амал мекунад, яъне талаботи шахс миқдоран зиёд ва таркибан бо сифат мегардад. Чунин тамоил, мувофиқи талабҳои "Қонуни Энгел" ба таносуби харидани молҳо таъсир мерасонад. Масалан, дар соли 2001-ум зиёда аз 84% даромади хонавода барои хариди маҳсулоти озуқа хароҷот шуд ва 16% боқимондаи он барои хариди сару либос, телевизору компютерҳо ва дигар молҳои ғайриозуқа, инчунин нархи хизматҳо сарф шуда бошад, ҳозир зиёда аз 50% даромади пулии аҳолиро ташкил медиҳад.

Имрӯз мо дар шароити сулҳу субот ва оромии кишвар, ки бо саъю кӯшиш ва ҷонбозиҳои Асосгузори сулҳу ваҳдат, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъмин шудааст, зиндагӣ дорем. Мо бояд тавре ҳаёту фаъолият барем, ки он ба манфиати ҷомеа нигаронида шуда бошад, меҳнати ҳалоли худро барои дар амал ҷорӣ намудани сиёсати хирадмандонаю созандагӣ равона созем, насли наврасро дар руҳияи ватандӯстӣ тарбия намоем.

Алиҷон БОЙМАТОВ,
доктори илми иқтисодӣ, профессор, дорандаи ҷоизаи ба номи академик Б.Ғафуров дар соҳаи илм, шаҳрвандии фахрии Линколни ИМА

ЗАРУРАТ БА ШАХСИЯТ ва се омили муайянкунандаи он

(Дар ҳошияи мақолаи С. Ятимов "Равоншиносии ҷамъиятӣ ва амнияти ҷамъиятӣ"

Дар мақолаи С.Ятимов "Равоншиносии ҷамъиятӣ ва амнияти ҷамъиятӣ" дар баробари масоили дигари иҷтимоӣ ва таъмини амнияти ҷамъиятӣ бо назардошти рушди психологияи миллӣ зарурати Пешвои миллӣ дар давраи тақдирсоз аз назари фалсафию иҷтимоӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

МУАЛЛИФ эҳтиёҷ ба Пешвои миллиро чун зарурияти мубрами таҳкими давлати миллӣ ва якпорчагию субот таъкид карда қайд мекунад: "Қаҳрамонӣ ва ҷонфидоиҳои фарзандони сарсупурдаи миллат ба хотири ҳифзи марзу бум, якпорчагии сарзамини аҷдодӣ ва эҳёи давлати миллӣ, ҳамчун намунаи олии рафори ватанхоҳона дар ин раванд аз муҳимтарин омилҳост. Аммо, эътирофи он нукта зарур аст, ки мушкилтарин масъала барои халқу миллатҳо доштани сарвар, шахсияти воқеан таърихӣ бо тавоноии таъмини якпорчагии сарзамини аҷдодӣ, сулҳу субот ва ягонагии миллат дар давраи фоҷеабори таърихӣ мебошад. Дар ҳама давру замон, махсусан дар лаҳзаҳои ниҳоят мураккаб ва тақдирсоз, миллатҳо барои доштани Пешво, сарвари бо тавонмандии комил эътирофгардида ва роҳнамо ниёз доштанд".

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, бемуболиға, яке аз шахсиятҳои бузурги таърихи халқи тоҷик маҳсуб меёбад. Ӯ аз марзи шахсияти миллӣ берун баромада, аллакай чун шахсияти сатҳи байналмилалӣ шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо намуд. Дар шароити зудтағйирёбандаи ҷаҳон давлати ҷавони тоҷик ба чунин сиёсатмадори сатҳи ҷаҳонӣ ниёз дорад. Дар таҳкими пояҳо ва устуворсозии бунёди давлати миллӣ маҳз Пешвои миллӣ чӣ дар арсаи дохилӣ ва чӣ дар арсаи байналмиллалӣ рисолати таърихиро иҷро мекунад.

Таҳлили амиқи фаъолияти бисёрсоҳаи сиёсатмадори барҷаста Эмомалӣ Раҳмон дар арсаи байналхалқӣ ва дохилӣ баррасии васеъро талаб мекунад. Ба арсаи сиёсат омадани эшон дар таърихи навини халқи тоҷик падидаи нодире буд, ки ватанпарасте дар шароити душвор ба майдон омад, дар гирудори ҳаводиси мураккаб обутоб ёфта ва бошандагони Тоҷикистон соҳиби Пешвои миллат гардиданд. Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси симои барҷастаи сиёсӣ аз ҷониби сиёсатмадорони сатҳи ҷаҳонӣ эътироф гардид. Академик Евгений Примаков дар бораи саркори кишвари мо навишта буд: **"Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон солҳои зиёдест, ки роҳбарии ҷумҳуриашро ба зимма дорад ва мамлакатро бо роҳи дуруст бурд. Ҳамчунин, вай дар муътадилсозии авзои дохилӣ мусоидат намуд".**

Президенти Федератсияи Русия Владимир Путин хизматҳои Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун намуна барои роҳбарони халққӯва мамолики дигар таъкид намуда гуфт: **"Эмомалӣ Раҳмон яке аз симоҳои барҷаста буда, дар байни сиёсатмадорони ИДМ мавқеи намоёнро ишғол мекунад. Ин беҳуда нест. Тамоми ҷидду ҷаҳди ӯ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар Тоҷикистон раванди сулҳ тавре пойдор аст, ки назираш дар ҳеҷ мамлакате, ки чунин вазъияти муташанниҷ дошт, дида намешуд.".**

Лозим ба ёдоварист, ки баргузор гардидани иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Хуҷанди бостонӣ ва ба сари қудрат омадани Эмомалӣ Раҳмон рӯйдоди тақдирсозе буд, ки миллати тоҷикро аз вартаи буҳронӣ раҳо сохта, тамомияти арзии кишвар, ваҳдати миллӣ ва бунёди давлатдории тоҷиконро дар охири қарни XX таъмин намуд.

Вақте сухан аз истиқрори Сулҳу субот ва Ваҳдат меравад, қабл аз ҳама мо бояд омилҳоеро муайян намоем, ки дар истиқрори Сулҳу Ваҳдати миллӣ ва раванди созандагию бунёдкорӣ нақши ҳалкунанда бозидаанд. Маъмулан, дар ин замина се омили муҳимтаринро метавон зикр кард.

ЯКУМ, омили шахсият, ки мақоми шахсияти Асосгузори сулҳу ваҳдат, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар раванди барқарорсозии сулҳ ва мусолиҳаи миллӣ ба ду омили дар зер номбаршуда баробар аст ва дар баъзе мавридҳо нақши ҳалкунандаро низ бозида буд.

ДУЮМ, омили айнӣ, ки ба иродаи халқи тоҷик ва табиати сулҳофарини ӯ иртиботи мустақим дошта, сиёсати оштии миллиро пайгирона ҷонибдорӣ намуд;

СЕЮМ, омили байналмилалӣ, ки ба сиёсати сулҳҷӯёнаи кишварҳое вобастагӣ дошт, ки дар барқарор намудани сулҳ дар сарзамини тоҷикон манфиатдор буданд ва ҳар кадоме аз ин кишварҳо дар истиқрори сулҳи бебозгашт саҳми арзандае гузоштаанд.

Тавре маълум аст, Тоҷикистон бо кишвари ҳамсояи ҷангзада Афғонистон дар тӯли зиёда аз ҳазор километр сарҳад дорад. Ҳифзи сарҳад заиф шуда буд ва табиист, ки дар даврони буҳронӣ ва пурфоҷиа, ки тақдири халқ дар вартаи парешонӣ ва ноумедӣ афтода буд, ба чунин шахсияте зарурат пайдо шуд, ки халқро бо амал ва кору фаъолияи пурсамари худ ба ояндаи нек умедвор созад.

Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро он вақт лозим буд, ки борҳо ҳаёти худро ба хатар гузошта, ба нуқоти доғи ҷумҳурӣ сафар намояд, ғояҳои сулҳофаринии худро ба мардум расонад. Таваҷҷуҳ ва дили мардуми озурдахотирро нисбати сиёсати давлати марказӣ гарм намуда, тафаккури оштӣ ва созишро дар ҷомеъа бедор созад ва таҳким бахшад. Ҷомеаи дар он давра парешон ва ба манотиқи муқовимат табдилёфтаи ҷанубу шарқи Тоҷикистон таҳти таъсир ва нуфузи ғояҳои мухталифи сиёсӣ қарор дошт. Бо давлати марказӣ робитаи камтар доштанд, роҳҳо ва пулҳо хароб гардида буданд. Як қисми мардум аз фаъолияти Ҳукумати марказӣ иттилооти каме дар ихтиёр доштанд. Боварии як қисми қишри чомеа низ бар асари бесарусомониҳо нисбат ба ҳукумат коста шуда буд. Дар ҳамин гуна шароити буҳронӣ танҳо шахсияте метавонист, ғояи асосии худро ғояи сулҳ эълон намояд, мардумро сарҷамъ кунад ва дар ақлу зеҳни ҳар як сокини кишвар рӯҳияи созандагию бунёдкорӣ ва ифтихори ватандориро бедор намояд. Аз иҷрои ин вазифаи бузург ва пурмасъулият Эмомалӣ Раҳмон ба хубӣ баромад. Аз ин рӯ, халқ дар шахсияти ӯ роҳбар ва сарвари олиҳиммати худро пайдо намуд.

Комёбиҳои назарраси ин ё он кишварро ба ин ё он шахсият нисбат дода, дар натиҷа шахсияти роҳбар ба дараҷае бардошта мешавад, ки ҳатто аз заминаи воқеӣ дур шуда, ба дараҷаи ғайритабиӣ расонда мешавад ва дар ҷомеа тафаккури шахспарастӣ зуҳур мекунад. Вале нақши шахсияти Эмомалӣ Раҳмон бо кору фаъолияти амалии худ чун лидери эътирофшудаи умумимиллӣ чӣ дар дохили кишвар ва чӣ дар арсаи ҷаҳонӣ маъруфият пайдо намуд. Вазъи фалокатбори даврони ҷанги шаҳрвандӣ, ки ҷанбаи маҳалгароӣ низ дошт, зарурати зуҳури лидери умумимиллиро ба вуҷуд овард.

Назрӣ ОФАРИДАЕВ,
профессор

НОМҲОИ ТАЪРИХӢ - ҶУЗЪЕ АЗ ФАРҲАНГИ НИЁГОН

Дар ҳар минтақаву маҳалҳои гуногуни ватанамон, хусусан дар ноҳияҳои куҳистон, номҳои зиёди топонимие дучор мешаванд, ки маънои аксари онҳо номаълум, ғайри қобили фаҳми имрӯзиҳо буда, бо калимаҳои забонҳои муосири мо мутобиқат намекунанд. Чун, аз аҳли он маҳалҳо пурсон мешавед, ки маънои номи маҳалли зисти онҳо чи аст, каме ба андеша рафта, «намедонам» гӯён посух медиҳанд ва барҳе пайдоиш ва маънои номи маҳаллашонро ба ягон ҳодисаи таърихӣ ва ё ривояте асос намуда маънибардорӣ мекунанд. Дар ривоятҳо аз далериву шуҷоатмандии сокинони ин маҳалҳо, шахсони ҷудогонае, ки дар бунёди ин маконҳо саҳм гузоштааст ва ё ягон ҳодисаи ҷолиберо нақл мекунанд.

АЛБАТТА, ҳар як ном бе асосе пайдо нашудааст, маъноеро ифода дорад ва шояд дар баъзе номҳо асроҳо ва ё паҳлуҳои таърихи то ҳол номаълуми ин маконҳо ниҳон бошанд. Ин номҳоро аҷдодони гузашта, ононе, ки то доман паҳн намудани дини мубини Ислом дар ин маконҳо иқомат кардаанд, гузоштаанд ва шояд бархе аз онҳо, аз даврони қабл аз милод меоянд. Зеро, ин номҳо на ба вожаҳои забони арабӣ ва на ба забонҳои дигари муосир шабеҳият доранд, онҳо аз забони суғдӣ ва ё гӯишҳои забони Форси бостон мебошанд. Чун ҳар ном каломе аз забони аҷдодон аст, яъне онҳо ҷузъе аз фарҳанги номгузории ниёгонамон буда, моро ба фарҳанги он замонаҳо мепайванданд. Дар радифи огоҳ будан аз таърихи марзу бум, аз рӯзгори аҳли он, донистани маънои мавзеъҳо ва маҳалҳое, ки дар он иқомат дорем, низ зарур аст. Наслҳои ояндаро аз ин маълумот бохабар намуда дар онҳо ҳисси ватанпарастӣ, дӯстдории марзу бум, посдории забону фарҳанг ва дигар меросҳои ниёгонро парварид.

Таҳқиқи аксари номҳои топонимикӣ нишон медиҳанд, ки онҳо таҷассумгари ягон хусусияти хоси он маҳалҳо мебошанд. Дар аксари номҳо, тарзи ҷойгиршавии маҳал, мавҷудияти чашма ва ё рӯде, фаровонии ягон мавод, шуғли аҳли он маконҳо, дар баъзе ба ягон ҳодисаи таърихӣ алоқамандии онҳо ва дигар хусусиятҳои маҳал маънибандӣ шудаанд. Маълум аст, ки дар номи мавзеъҳо мавҷудияти вожаҳои "ғар, ғарт, ғал" маънои кӯҳ, "кат, кад" - хона, "кант, кент, канд" макони аҳли зиёддошта, яъне шаҳр, "пун, пон" маънои пур, бисёр, фаровон, "пал, фал" маънои ҳамворӣ, паҳно, "об, ап, ов" маънои об, руд, дарё, "ғаз" алаф, сабзаро ифода доранд. Ин вожаҳо аз забони суғдӣ буда, ҳатто баъзе аз онҳо то ҳол дар забони яғнобӣ, ки шохаи ҳифзмондаи ин забон мебошад, дар истифодаанд. Бо истифода аз вожаҳои дар боло оварда ҳар кас метавонад маънои баъзе мавзеъҳоро маълум намояд. Масалан, номи деҳаи "Пунғаз" аз вожаҳои "пун" ва "ғаз" ташкил ёфта маънои "алафзор, сабзазор"-ро, "Фалғар" маънои паҳнкуҳ ва ё ноҳияи Варзоб, ки номи худро аз номи дарёчаи Варзоб гирифтааст, маънои "руди шӯх, оби тезҳаракат"-ро дорад.



Моро мебояд, он номҳои таърихиеро, ки маънояшон номаълум аст ва ё ҳангоми таҳқиқ новобаста ба он ки кадом маъное медиҳанд, чун он қалъаву кӯшкҳо ва ё маъхазҳои таърихӣ, ки ҳифз карда мешаванд, ҳифз намоем. Ҳар яки ин номҳо барои таҳқиқи забонҳои аз байн рафта, забони гузаштагон хеле заруранд ва онҳо метавонанд, чун даричае барои ворид шудан ба забони аҷдодон хизмат кунанд. Боз намудани маънои аслии номи маҳалҳо, шод намудани руҳи аҷдодони баландфарҳангамон мебошад, ки ин номҳоро ба мо мерос мондаанд. Бояд ин номҳоро нигаҳ дошт, дар акси ҳол руҳи гузаштагон ноором гашта, аз фарҳанги ниёгонамон канда хоҳем шуд.

Аксар давлат ва кишварҳо китобҳои топонимии худро бо тавзеҳоташон доранд. Дар китобҳои онҳо бисёр вожаномҳое дучор мешаванд, ки аслан аз забони тоҷикӣ ва ё форсии қадим гирифта шуда, вале аз сабаби дуруст дарк накардани этимологияи ин номҳо, муаллифон чун моли забони худ ва ё ғайрифорсӣ нишон додаанд. Дар мо, ки як халқи қадимфарҳанги дунё мебошем ва ҳатто аксар номҳои топонимикии мавзеъҳои қораҳои Осиёю Аврупо аз забони аҷдодони халқи тоҷик - забони форси бостон мебошад, чунин китоберо надорем, то дигарон вожаҳои забони моро, худӣ надонанд. Масалан, дар қисми шимолии Сибири Шарқӣ, дар ҳудуди Ёқутистон, дарёчае бо номи "Сартанг" ҷорӣ аст, ки ба ягон забони аҳли он ҷо мувофиқ нест, ё ки номи худи "Якутия (Ёқутистон)" дар ин мавзеъ мавҷуд будани кони ёқут, алмосро ба назар гирифта чунин номгузорӣ шудааст, аҳли маҳаллии он ҷо худро на якут, балки "саха" мегӯянд. Дар баъзе фарҳангномаҳои русӣ вожаи "якут"-ро аз забони аҳли он маҳал дониста, маъноашро нишон намедиҳанд. Инчунин, дар баъзе фарҳангномаҳо Сибирро аз забони муғулӣ арзёбӣ мекунанд ва ҷое нишон доданд, ки ин топонимро аввалин маротиба дар маъхазҳои форсӣ дучор шудаанд. Бале, вожаи "Сибир" бо калимаи суғдии "шибер", "шибар", ки маънои ҷои сероб, ботлоқзорро дорад ҳампайдоиш аст. Ҳангоми иқтибос гаштан ба забони ғайр, вожаи "шибер" шакли "Сибир"-ро гирифтааст. Ин аз хусусияти хоси фонетикаи баъзе забонҳои қадим, ки овои "ш" надоштанд ва онро "ч" ва ё "с" ово менамуданд, пайдо шудааст. Боз мисолҳои зиёдеро дар ин хусус овардан мумкин аст, ки маконҳо номи худро аз забони аҷдодони тоҷику форс гирифтаанд.

Ҳоло пажӯҳишгарони соҳаро мебояд, номҳои топонимии шаҳру деҳоти Тоҷикистон ва берун аз онро, ки пайдоиши тоҷикиву форсӣ доранд, ҷамъ намуда бо далелу бурҳонҳо парда аз рӯи маънои онҳо бардоранд ва аз хазинаи забони аҷдодонамон будани онҳоро нишон диҳанд.

Обиддин ТУХТАСУНОВ,
устоди Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон

Минбари халқ
1 июни соли 2016,
№22 (1054)

Бетарафӣ худфиребӣ аст

Аслан ин як муроҷиати шаҳрванди одӣ ҳаст ба ҳамаи соҳаҳое, ки дар умури шаҳрдорӣ ва низоми хоси пойтахти Ватани азизи мо масъулият доранд.

ЧАНД рӯзи рухсати ро дар пойтахти ободу зебо бо сайру гашт гузарондам. Аз он, ки пойтахти Ватани мо - Душанбе бо суръати баланд ободу комилан дигаргун шуда, симои он мисли дигар шаҳрҳои муосири дунё замонавӣ мешавад, хурсанд шудам. Офарин ба роҳбарияти олии кишвар, ба Президенти мамлакат, ки барои ободонии тамоми мамлакат ва пойтахти он, бо эҳсоси баланди ватанпарастӣ, кӯшишу талоши ҳамешагӣ зоҳир мекунанд. Ва ин ҳар яки моро, чун сокини кишвар вазифадор месозад, ки дар ободонии кишвар, ба хусус пойтахти он, ки ойинаи номуси ватандории мо мебошад, ба қадри тавони худ саҳми фардӣ дошта бошем. Биноан, ҳар каму костеро, ки дар пойтахти худ, ки ҳамзамон марказу хонаи умеди тамоми тоҷикони дунё низ мебошад, дучор меоем, нисбати он набояд бетараф бошем. Камина ҳам мисли дигарон як- ду мушоҳидаҳоямро, ки ба назарам ба низоми шаҳрдории мо, ба шаҳри мисли боғ сарсабзамон Душанбе то сатҳе халал эҷод мекунанд, бо дигарон дар миён гузорам.

Чизи аввале, ки ба чашми ҳар меҳмони пойтахт мехӯрад, ин савдогарони сари роҳҳо, назди биноҳо, истгоҳҳо, ки на ба низому тартиботи шаҳрдорӣ мутобиқат дорад ва на ба фарҳанги тиҷорат ва умуман фарҳанги шаҳрӣ. Ҳатто дар кӯчаҳои марказӣ, дар сари роҳҳои пиёдагард ҳам ин гуна бозорҳоро дидан мумкин аст. Ба хусус, аз самти бинои маркази тиҷорати «Садбарг» то истгоҳи «Роҳи оҳан» роҳи пиёдагарди самти «Бозори сабз»- Шоҳмансур, дар даромадгоҳи терминали марказӣ, сари роҳи даромадгоҳҳои бозори Корвон, микрорайонҳои шаҳр ва маҳалҳои дигари серодам, савдогарони кӯчагиро, бо ҳар гуна либоси хонагӣ ва варзишӣ, ки аслан ба фарҳанги сокини шаҳрӣ созгор намебошад, дучор шудан мумкин аст, ки аз дидани он табъи кас хира мешавад.

Аслан тарзи либоспӯшии мо, яъне бо ҷома, хилъати хона, либоси варзишӣ дар маркази шаҳр гашту гузор кардан, ки нишони эҳтиром нисбат ба худу дигарон мебошад, мавзӯи ҷиддитар ва ҷудогона аст, ки бояд мавриди таваҷҷуҳи сохторҳои марбутаи ҷомеа қарор гирад. Зеро сокини шаҳр қабл аз ҳама намунаи ибрати фарҳанги шаҳрӣ барои тамоми сокинони кишвар мебошад ва масъулияти баландтари сокини пойтахтро низ ба дӯш дорад. Аммо дар карни 21, дар сари роҳ фурӯхтани нон ва дигар маводи ғизоӣ, ки ба ягон талаботи оддитарини санитарӣ ва ҳам фарҳанги тиҷорат ҷавобгӯ намебошад, ҳатто ба нафъи эътибори пойтахти мамлакат намебошад.

Милисаҳо вақт бар пайдо мешаванду савдогаронро гӯё касе хабар карда бошад, ки чолокона бӯғчаҳояшонро баста, дар канори роҳ интизор мешаванд, ки кай аз пешашон гузашта мераванд. Савдогарон маслиҳат мекарда бошанд, ё бо онҳо забон меёфта бошанд, маълум нест. Аммо ҳар рақаме, ки бошад, пас аз чанд лаҳза, боз ба ҷойҳои аввалаашон баргашта, нисфи роҳи пиёдагардро боз ишғол мекунанд. Бадтараш он аст, ки моли худро рӯи замин, дар мобайни роҳҳои пиёдагард монда, сари роҳҳои пиёдагардро забт мекунанд, вале касе аксуламал нишон намедиҳад, гӯё ки чунин ҳолат меъёр бошад. Баъзеҳо иддао мекунанд, ки инҳо барои рӯзгорашон нон пайдо мекунанд. Шояд барои як теъдоди ками онҳо то сатҳе чунин зарурат қобили дарк бошад ҳам, аксарашон ҳушёртару чолоктаранд, зеро дар он ҷойҳо на барои ҷой ва на барои чизи дигар муфт пул кор мекунанд. Аммо бояд ҳар гуна ,,заруратҳо,, низ бояд дар доираи як низоми шаҳрдорӣ ва умуман низоми давлатӣ бошад. Таври мисол ин кор бояд лоақал дар дӯконҳо сурат гирад ва ё аз кӯчаҳои асосӣ дуртар рафта, дар даруни бозорҳо ё ҷойҳои ҷудогонаи дигар пул кор кунанд.

Вале ташвишовараш ин аст, ки дар байни чунин ,,савдогарони камбизоат,, ҷаллобон районҳои 82 ва 102 мушоҳида кардам. Ҳарчанд кӯшидам, ба он сарфаҳм нарафтам. На соҳибаш маълум ва на ташкилкунандаи он ва на қойидаи қонунии бозиаш. Агар кӯтоҳ гӯем, он як навъ фиреби бешармона дар рӯзи равшан ва ба чашми мардуми содда хок пошидану аблаҳу аҳмақ кардан аст, на чизи дигар. Аммо бояд эътироф кард, ки ҳар касе чунин тарзи пулситониро, фиребро тарҳрезӣ карда бошад, хело фиреби ба дараҷаи баланд эҷод кардаст, ки дар назари аввал онро пай бурдан ҳам осон нест. Дар назди мизи хурд ду- се ҷавонак меистанд, дутояшон канортар рафта вазъиятро назорату дар мавриди зарурӣ сарпарастӣ мекунанд. Яке гӯё қойидаи бозиро чолокона мефаҳмонад, ки дар асл ҳеҷ чиз фаҳмида намешавад. Онҳо байни худ бо мимикаи қаблан коркардашуда (имову ишораи ба дигарон ноаён) гап мезананд ва бештар ба ӯзбекӣ ҳам суҳбат мекунанд. Аммо бояд эътироф кард, ки ин ҷавонҳои чолок малакаи фиребу гӯл задани мардумро дар ҳар куҷое, ки бошад, ба дараҷаи хеле баланд аз худ кардаанд. Дар гирду атроф нафарони худӣ бо сенарияи қаблан кор кардашуда, раҳгузарони соддатарро гӯё, ки мешинохта бошанд, бо ҳар роҳ, ба бозии гӯё дукаса (фиреби рақами 1, зеро бозингари 1 нафари худӣ аст) ҷалб мекунанд ва пули бурида ба дасти худиҳо рафта, пас тақсим мешавад. Бале, чунон чолокона мардумро гипноз мекунанд, ки кас дар ҳайрат мемонад. Агар касе аз чунин қойида, норозигӣ баён кунад, ҳама балегӯйҳо ҷамъ шуда бо садои баланд бойдодаро ба ноҳақӣ ва номардӣ ҳам маломат мекунанд (ба гуфти онҳо марди ҳақиқӣ он аст, ки бой дода метавонад). Барои маломат занони фурӯшандаро низ қаблан ба дифои худ омода кардаанд. Ва чунин ҳуҷуми забон як кардаро на ҳар асаб тоқати бардошт дорад ва одамон ба умеди бурде, ки аслан дар нақшаи ин лотореяи дурӯғин, ки воқеан қимори оддист, намебошад, маблағҳои ҳалолашонро аз даст медиҳанд.

Агар касе ин қабил корҳоро қобили таваҷҷуҳ ва ҷиддӣ нагирад ва онро «майда чуйда»-и зиндагӣ номиданӣ шавад, ба назари мо, чунин кирдорҳо оғози хатар ва зарба ба эътимод дар ҷомеа аст, билохира ба буҷети давлат аст, зеро берун аз андозу ҳар пардохти вобаста ба ташкили чунин бозиҳо мустақиман ба ҷайби ҷаллобон меравад. Ташкили лотерея дар салоҳияти сирф сохторҳои давлатии молиявӣ буда, ҳатто сохторҳои дигари давлатӣ, низ бидуни иҷозати расмӣ ва сабт чунин ҳуқуқро надорад. Дар замоне, ки буҷети кишвар дар асари буҳрони ҷаҳонӣ ва минтақавӣ дучори мушкилоту маҳдудиятҳо гардидааст, чунин амалҳо, яъне бо роҳи қоҷоқи лотерея ташкил кардану маблағро берун аз доираи буҷети давлат аз худ кардан ҷиноияти ҷиддии иқтисодӣ мебошад, ки бояд ва ҳатман пешгирӣ шавад. Ва ин корро бояд қабл аз ҳама масъулони мустақими маҳалҳои шаҳр, мақомоти дигари дахлдори шаҳрдорӣ ҷилавгирӣ кунанд, дар муқобилашон чораҳои қатъӣ андешанд.

Аммо чун шаҳрванд тааҷҷубу таассуфи ман дар он аст, ки чи тавр садҳо шаҳрвандони дар ҷомеа мақоми гуногун дошта, аз байни ин қабил ,,бозорҳои сари кӯча"-ву чолокони фиребгари халқу давлат гузашта, ба он бетарафӣ зоҳир мекунанд, аз зарбаи он ба буҷет ва эътибори сохторҳои маҳалии шаҳрдорӣ ташвише зоҳир намекунанд. Шахсан камина ин қабил падидаҳои ночизро чун нишони сатҳи эҳтироми иддае аз мо, қабл аз ҳама нисбати ба худ, шаҳри худ ва билохира ба Ватани худ медонам ва аз сатҳи чунин беғаразиву бетарафӣ, назарногириҳо, ки ниҳоят ба бетарафиҳову худфиребиҳои бузург анҷом ёфта метавонанд , бештар афсӯс мехурам.

Дар гирду атроф, нафарони худӣ, бо сенарияи қаблан кор кардашуда, раҳгузарони содатарро гӯё, ки мешинохта бошанд, бо ҳар роҳ, ба бозии гӯё ду каса (фиреби рақами 1, зеро бозингари 1 нафари худӣ аст) ҷалб мекунанд ва пули бурида ба дасти худиҳо рафта пас тақсим мешавад.

Имомназар ҲАҚНАЗАР,
ҷомеашинос

Рӯзи 28 майи соли 2016 дар Институти ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон семинари илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони "Усулҳои муосири ташхис ва пешгирии бемориҳои омехтаи сироятии ҳайвонот" бо иштироки намояндагони Вазорати кишоварзӣ ва Хадамоти назорати давлатии байторӣ, роҳбарони хадамоти байтории вилоятҳо, олимони Институти ветеринарӣ, ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур ва Донишгоҳи тиббии ба номи А.Сино баргузор гардид.

ПЕШГИРИИ БЕМОРИҲОИ ҲАЙВОНОТ

Семинарро бо сухани ифтитоҳӣ С. Саидов, ноиби президенти Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон оғоз бахшид. Сипас олимон дар мавриди ташхис ва пешгирии бемориҳои омехтаи сироятии ҳайвонот маърӯзаҳо карданд.

Барои иштирокдорони машварат ба хусус маърӯзаҳои директори Институти ветеринарӣ К.Маҳмудов - "Дастовардҳои илмии Институти ветеринарӣ оид ба ташхис, табобат ва пешгирии бемориҳои сироятию инвазионии чорво", ходими калони илмии шуъбаи омӯзиши касалиҳои микобактериозӣ А.Муминов-"Роҳҳои муосири ташхис ва пешгирии брутселлёзи чорво", Р. Тӯраев, директори корхонаи "Зооветсервис"- "Муайян намудани барангезандаҳои зукоми паранда ва омӯзиши муҳоҷирати парандагони кучии обӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", А.Неъматов, ходими калони озмоишгоҳи касалиҳои паранда, занбӯри асал ва моҳӣ -"Рушди соҳаи занбӯри асалпарварӣ ва пешгирии касалиҳои он" басо ҷолиб буд.

Зикр шуд, ки бо мақсади пешгирӣ ва табобати касалиҳои сироятӣ, ғайрисироятӣ ва инвазионии чорво аз усулҳои муосири ташхис ва табобат кор гирифта шавад. Омӯзиши ҳолати эпизоотии касалиҳои бахусус хавфноки паранда, занбӯри асал ва моҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амсоли ин аз масъалаҳое буданд, ки нотиқон таъкид карданд.

Ёдовар мешавем, дар Институти мазкур ташкилоти ибтидоии ҳизбии ветеринарӣ амал мекунад, ки 22 нафар аъзо дорад. Амалӣ сохтани ғояҳои созанди Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон аз маҳаки асосии фаъолияти онҳо мебошад.

А.ҶӮРА

ГУЛМУРОДЗОДА ВА БАРРАСИИ МАСЪАЛАҲОИ МАТБУОТ

Дар конференсияи илмию амалии "Масъалаҳои таҳқиқи ҷараёни маорифпарварӣ ва матбуот" мавзӯъҳои гуногуни рушд ва пайвандҳои мавҷуд байни ин ду падида мавриди баҳс қарор мегирад.

Тавре **Қироншоҳ Шарифзода,** як узви кумитаи тадорукот ба хабарнигори мо гуфт: - Ин конференсия бо ибтикори факултети журналистикаи ДМТ, Иттифоқи нависандагон ва Шӯрои ВАО-и Тоҷикистон дар Донишгоҳи миллӣ рӯзи 2 июн баргузор мегардад.

Вай қайд кард, ки дар ин чорабинӣ ҳудуди 20 маърӯза ва гузоришҳои илмӣ дар мавзӯъҳои **"Ғояҳои маорифпарварон дар публисистикаи Мирзоҷалол Юсуфзода", "Публисистикаи Пайванди Гулмуродзода", "Тарғиби илму дониш дар осори публисистии маорифпарварони охири асри 19 ва аввали асри 20", "Ташаккули ҷараёни маорифпарварӣ дар Осиёи Миёна", "Саидризо Ализода - нависандаи аввалин китоби "Сарфу наҳви забони тоҷикӣ", "Ғояи мулкдорӣ дар "Туҳфаи аҳли Бухоро"**-и **Мирзо Сироҷи Ҳаким"** ва ғайра баррасӣ мешавад.

Бино ба гуфтаи ин манбаъ, конференсия дар доираи гиромидошт аз 60 - солагии муҳаққиқи равоншод Пайванди Гулмуродзода - донишманд ва рӯзноманигори тоҷик баргузор мешавад ва бинобар ин чанде аз маърӯзаҳо ба нақши ӯ дар омӯзиши таърихи матбуоти тоҷик, шинохти чеҳраҳои маорифпарварон ва рушди низоми таҳсилоти журналистӣ дар Тоҷикистон бахшида мешавад.

Дар конференсия шахсиятҳои шинохта дар доираҳои илмию адабии Тоҷикистон, аз ҷумла **Муҳаммадюсуф Имомзода**- ректори ДМТ, **Олимҷон Салимзода**- вакили Маҷлиси намояндагони МО, **Маҷид Салим** -мудири шуъбаи очерк ва публисистикаи ИН, **Зиннатулло Исмоилзода**- раиси Иттифоқи рӯзноманигорон, устодони Донишгоҳи миллӣ **Мурод Муродов, Масрур Абдуллоев, Қаҳҳор Расулиён, Давлатбек Хоҷаев, Намоз Ҳотамов** ва дигарон иштирок ва суханронӣ мекунанд.

С.ЮСУФ

РАФЪИ ОҚИБАТҲОИ ОФАТИ ТАБИӢ

Рӯзҳои 9-12 майи соли 2016 дар шаҳри Панҷакент сели фалокатовар омада, ба деҳаҳои Шӯрча, Савр, Кӯштеппаи ҷамоати деҳоти Халифа Ҳасан, деҳаи Шашқати ҷамоати деҳоти Рӯдакӣ, деҳаи Дашти Қозӣ, Киштудаки ҷамоати деҳоти Ёрӣ, деҳаҳои Ғиҷдарва, Ровадин ва Шинги ҷамоати деҳоти Шинг, Амондара, Лоиқ Шералӣ, маҳаллаҳои Сойи Мисрак, Зардолузори шаҳр, соҳаҳои кишоварзӣ, чорводорӣ ва як қатор корхонаву ташкилоти шаҳр хисороти ҷиддӣ расонид.

МУТААССИФОНА, дар офати табиӣ 2 нафар яке сокини деҳаи Шӯрчаи ҷамоати деҳоти Халифа Ҳасан ва дигаре сокини деҳаи Шинги ҷамоати деҳоти Шинг ба ҳалокат расиданд.

Тибқи маълумоти комиссияи ҳолатҳои фавқуллода дар натиҷаи офати табиӣ ба 401 хонаҳои истиқоматӣ селоб даромада, заминҳои наздиҳавлигӣ ва иншооти шаҳрвандонро вайрон кард. Дар асоси санадҳои тартибдодашуда аз 21 манзилҳои истиқоматӣ, 15 хона пурра ва 6 хона қисман вайрон гардид.

Бо супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои аҳолие, ки хонаҳояшон пурра вайрон гардиданд, қитъаи замин ҷудо гардида, сохтмони хонаҳои истиқоматӣ шуруъ шуд. Аҳолие, ки хонаҳояшон қисман вайрон гардид, бо масолеҳи сохтмонӣ таъмин карда мешаванд.

Офати табиӣ ба иқтисодиёти шаҳр ба маблағи 34762819 (сиву чор миллиону ҳафтсаду шасту ду ҳазору ҳаштсаду нӯздаҳ) сомонӣ зарари моддӣ расонид.

Дар соатҳои аввали офати табиӣ Комиссияи ҳудудии шаҳри Панҷакент оид ба ҳолатҳои фавқулодда то имрӯз барои бартараф намудани оқибатҳои ҳолати фавқулодда корҳои зеринро анҷом доданд.

Бо мақсади пешгирӣ намудани зарари офати табиӣ 7 гурӯҳи кории Комиссияи шаҳри Панҷакент оид ба ҳолатҳои фавқулодда таъсис дода шуда, дар ҳамбастагӣ бо аҳолӣ корҳои барқароркуниро дар манзилҳои истиқоматии осебдидагон баровардани лойобҳо ва тоза намудани сойҳои селрав корҳоро ба роҳ монданд. Ҳамчунин ситоди бартараф намудани оқибатҳои офати табиӣ ташкил шудааст.

Айни ҳол бо дастгирии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва Ситод оид ба ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи ғайринизомии вилоят ба шаҳр ба миқдори 20 000 (бист ҳазор) литр сӯзишвории дизелӣ ворид карда шуда, бо мақсади корҳои барқарорсозии каналҳои обёрикунанда ва бехатар гардонидани сойҳо равона карда шудаанд.

Санаи 11.05.2016 аз тарафи Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр ба 386 оилаҳои осебдида 50 кг орд ва 5 кг равған кӯмаки яквақтаина расонида шуд. Инчунин суратҳисоби махсуси Раёсати молия барои зарардидагони офати табиӣ кушода шудааст.

Аз тарафи аҳолӣ манзилҳои истиқоматӣ аз лой тоза карда шуда, дар сурати зарурат аз тарафи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр дастгирӣ карда мешаванд. Инчунин ҳамарӯза аз тарафи қисми ҳарбии 05170-и Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 60 нафар сарбоз барои бартараф намудани оқибатҳои офати табиӣ сафарбар мегарданд.

Рафти бартарафсозии оқибатҳои зарароварии офати табиӣ аз тарафи аҳолӣ, коллективҳои меҳнатии ташкилоту муассисаҳо, корхонаҳои ҳудуди шаҳру деҳот мутташаккилона идома дорад.

Мардуми диёр аз ғамхории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, изҳори миннатдорӣ намуда, саривақт бартараф гардидани оқибатҳои офати табиро самараи неки фаъолияти дастаҷамъонаи сохторҳои мухталиф маънидод менамоянд.

Бозорбой ҶАЛИЛЗОДА, *шаҳри Панҷакент*

МОЛҲОИ АСЛИ ЧИНӢ ДАР ДУШАНБЕ

Аз Намоишгоҳи тиҷоратию сармоягузории ноҳияи мухтори Нинсяи Ҷумҳурии Мардумии Чин дар маҷмааи давлатии "Кохи Борбад"-и Душанбе ду бардошти муҳим буд.

ЯКЕ ин ки бори дигар дақиқ бовар кардам: намоишгоҳи ҳақиқӣ аз бозор ва фурӯшгоҳ фарқ дорад. Дигар, созмондиҳандагони намоишгоҳҳо дар Тоҷикистон шояд зери таъсири фарҳанги ривоҷёфта дар миёни ширкатҳо ва соҳибкорони чинӣ ин тадбири муҳимро ин бор ба бозор табдил надоданд.

Намоишгоҳ дар доираи барномаи Палатаи савдо ва саноати Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Ҳукумати мардумии ноҳияи мухтори Нинсяи Чин тайи се рӯз (26-28 май) доир шуд, ки дар он беш аз 50 ширкат ва корхонаҳои саноатии ин минтақаи Чин маҳсулоти худро ба намоиш гузоштанд.

Дар ҳошияи он инчунин форуми соҳибкорони Тоҷикистону Чин ҳам баргузор шуда, масоили марбут ба рушди ҳамкорҳои иқтисодию тиҷоратии ду кишвари ҳамҷаворро баррасӣ кард.

Мақомоти тиҷоратии Тоҷикистон ҳадафи ин намоишгоҳро ҷалби сармояҳои мустақим, фароҳам кардани заминаи ҳамкорӣ ҷиҳати ворид кардани технологияи нав, таъсиси корхонаҳои муштарак, пайдо намудани шарикони тиҷоратӣ , тавсиаи робитаҳои кории соҳибкорони ду кишвар медонанд.

Тавре Манзура Рустамова, мо увини раиси Палатаи савдо ва саноати Тоҷикистон дар форуми соҳибкорон қайд кард: - Дар муддати 24 соли робита бо Чин заминаи устувори қарордодию ҳуқуқӣ ва муносибатҳои мутақобилан судманд фароҳам шудааст.

Ба гуфтаи ӯ, дар ин муддат беш аз 200 тавофуқнома дар сатҳҳои гуногуни ниҳодҳои давлатӣ ва ширкатҳо ба имзо расидааст.

Ӯ инчунин таъкид кард: - Ҳоло соҳаеро ёфтан душвор аст, ки Тоҷикистон ва Чин ҳамкорӣ надошта бошанд. Ба таври назаррас корхонаҳои муштарак ташкил шуда, муҳимтар аз он сармояи ин кишвар ба бозори мо бо дилпурӣ ворид шуда. Чунин вазъият гувоҳи он аст, ки дар амал кадом монеае барои иштироки муштарак дар иҷрои тарҳҳои барои ҳар ду тараф судманд вуҷуд надорад.

Дар ин форум тавзеҳ шуд, ки мизони гардиши мол байни ду кишвар рӯ ба афзоиш буда, дар соли гузашта 792, 9 миллион долларро ташкил додааст, ки аз ин 29 миллион доллар содирот аз Тоҷикистон ба Чин буда, 763,8 миллион доллар воридоти он кишвар ба Тоҷикистон аст. Ба ҳисоби дигар ин нишондод нисбат ба натиҷаҳои соли 2014 ба андозаи 103 дарсад бештар мебошад.

Аммо дар идомаи баёни бардоште, ки аз боздиди намоишгоҳ доштам, метавон афзуд, ки дар муддати се рӯз маҳсулоти асли ширкатҳои ҳақиқӣ аз ин музофоти Чин ба намоиш гузошта шуд.

Чизи дигар ин буд, ки то замони кушоиш ҳам дари толори намоишгоҳ боз буд ва онҳое, ки ба ҷое саросема буданд, имкони даромадану боздид карданро доштанд. Ин навигарӣ боис гардид, ки мардум тамба-тела накарда, оромона ва бе саросемагӣ тамоми бахшҳои намоишгоҳро бубинанд. Дар ин ҳолат фарҳанги тамошо ва боздид ҳам риоят шуду ҳам меҳмонони чинӣ, ки паҳлӯи колоҳои овардаашон меистоданд, бо муштариён хуш муносибат мекарданд. Мо дидем, ки намунаҳои маҳсулоти арзашуда ҳарчанд гарон ба назар мерасид, вале харидор дошт.

Агар масъулони баргузории намоишгоҳ аз Палатаи савдо ва тиҷорат дар оянда ҳам ба чунин шакл барномаҳои худро иҷро кунанд, аҳамияти чорабиниҳояшон бештар хоҳад шуду кам не.

Аммо дар чандин намоишгоҳҳои дигар, ки бо яке аз кишварҳои шарик баргузор гардиду мо дидем, тарзи ташкил ба тамом фарқ мекард. Зеро бо даъвати чанд тоҷири ҳамон кишвар аз марказҳои савдои воқеъ дар Душанбе, аз ҷумла аз "Садбарг" гӯшаҳои намоишгоҳро пур мекарданду баъд даромади одамонро ҳам то замони ифтитоҳ маҳкам медоштанд, ки дар натиҷа, мардуми зиёде ҷамъ мешуд ва боздиди намоишоҳ ҳам аз тамошо ва шиносӣ бо маҳсулот дида, ба майдони бузкашӣ бештар монанд буд.

Мардум ҳам ба намоишгоҳ барои дидану ошно шудан бо маҳсулоти ширкатҳои хориҷӣ на, балки барои хариди коло, ки гӯё аз нархи бозор арзон бошад, ба ин макон меомаданд. Чунин ҳолат дар чандин намоишгоҳҳои маҳсулоти Эрон ва Чин, ки то ин вақт гузашт, ҷой дошт. Ба назар чунин мерасид, ки ҳар ду тараф ҳам хуш доштанд, ки барои ҳисоботу гузоришҳои видеоӣ ва тасвирӣ мардуми бисёртареро ҷамъ биёранд ва баъд гӯянд, ки «бубинед, чӣ тавр мардум бо шавқу рағбати зиёд намоишгоҳро диданд.»

Такрор ҳам шавад, боз ҳам таъкид мекунам, ки дар намоишгоҳи охирини Чин бештар тартибу одоб ва аз ин ҳам муҳимтар фарҳанги намоишгоҳҳои ҳақиқӣ дида мешуд. Шариф Саид, раиси Палатаи савдо ва саноати Тоҷикистон ҳам пеш аз вақти таъиншуда худ ба маҳали намоишгоҳ омада, раванди омодагиҳоро мушоҳида мекард.

Намояндагони ҳукумати музофоти Нинся ва ширкатҳои чинӣ ҳам дар макони баргузории намоишгоҳ пешопеш ҳозир шуда буданд.

Дар ҷараёни пурсишу посух маълум шуд, ки онҳо аввалан ҳадафи шиносондани маҳсулоти худро доранд ва баъд фурӯхтани онро. Ба ин далел, боздидкунандагон ҳар чӣ савол медоданд, посухи равшану дақиқ мегирифтанд.

Яке мепурсид, ки зарфҳои барои маводи ғизоӣ чаро қиммат аст? Аммо пас аз он, ки ҷавоб мешунид, "Дар сурати ғизои гарм ба он рехтан то 24 соат гарм меистад ва агар сард бошад дар ҳамин муддат дар ҳавои тафсон ҳам сард мемонад", ҳикмати гарон будани маҳсулот маълум шуда мемонд.

Як нафари дигар зимни дидани маҳсулоти ширкати шаробкашии чинӣ тафовути ду шароби сурхи ба намоиш гузоштаро аз шаробҳои тоҷикӣ савол кард.

Соҳибкори чинӣ бо ёрии тарҷумон, ки ҷавони маҳалӣ буд (як тафовути дигари намоишгоҳ ин буд, ки аксари бахшҳо тарҷумон ва он аз ҳисоби ҷавононии маҳаллӣ доштанд. Ин чиз ҳам дар гузашта ба чашм намехӯрд), бо мулоимӣ гуфт: - Ин нӯшобаи табобатӣ аст ва андак - андак хӯрданаш тавсия мешавад, вале агар кас бештар хӯрад, маст мекунад ва дигар на фоидааш мемонаду на кайфияти он.

Инчунин як нафар пурсид, ки "Чаро шаробатон 100 то 160 сомонӣ арзиш дорад? Ин барои шароити мо нархи хеле баланд мебошад…" чинӣ бо лабханд ва бо ангуштонаш нишон дода ҷавоб дод, ки "Маҷбур шавед, барои табобат як миқдори андаки доруро аз ин гаронтар мехаред, Инро ҳам мо бо дарназардошти хосиятҳои табобатиаш ва коре, ки барои истеҳсолаш сарф шудааст, бо ин нарх мефурӯшем".

Мазмун, намоишгоҳ чизҳои дидании бисёре дошт, ки бори дигар иқтидори Чинро дар доираи имконоти фақат як музофоти Чин бозтоб мекард.

Ин нукта ҳам ҷолиб буд, ки дар оғози намоишгоҳ дар гӯшае оид ба ин музофот маълумот дода мешуд.

Нинся бо 6 миллион аҳолӣ аз хурдтарин музофоти Чин буда, ду қавмият, ханси, ки бештари ҷамъиятро ташкил медиҳанд ва хуэйси, чиниҳои ҳанӯз дар асри 14 мусалмоншуда мебошанд. Бар асоси ин маълумот, шаҳри Инчуан - маркази музофот бо 900 ҳазор ҷамъият аз ҷумлаи шаҳрҳои хурди Чин ба шумор меравад.

С. ЮСУФОВ

ЯК МАСЛИҲАТИ МУФИД

Дар дунё кам шаҳрҳое ҳастанд, ки аз миёни онҳо дарё ҷорӣ шавад ва шояд бисёриҳо орзуи онро мекунанд, ки ҳадди аққал аз канори шаҳрашон дарёчае ҷорӣ шавад, то дар соҳили он истироҳату фароғат кунанд. Хушбахтона, ин неъмати бебаҳо насиби мо гардидааст мутаассифона, аз он хуб истифода бурда наметавонем…



Аз миёни шаҳри Душанбе-пойтахти Тоҷикистон дарёи Варзоб ҷорӣ мешавад, аз ин рӯ онро "дарёи Душанбе" низ ном мебаранд. Аммо дар миёни мардум он бештар бо номи "Душанбинка" машҳур аст. Гарчанде ки дар фаслҳои зимистону баҳор оби дарёи мазкур каму зиёд мешавад ва на он қадар мусаффо аст, вале дар фаслҳои тобистону тирамоҳ софу беолоиш аст. Пас чаро мо дар ин фаслҳо аз оби ин дарё ба пуррагӣ истифода намебарему ба ҳусни шаҳрамон ҳусни дигар зам карда наметавонем? "Мо метавонем"-албатта, агар хоҳем.

Бубинед, имрӯз дар шаҳри Душанбе ба ҷуз аз "Кӯли Комсомол" ё худ "Кӯли марказӣ" дар ҷои дигар макони махсусе барои қаиқронӣ нест. Метавон дар яке аз ҷойҳои муносиби "Душанбинка" маҷрои дарёро маҳкам намуда ҷои махсусе барои қаиқронӣ ташкил кард. Дар ин сурат ҳам ҷои кор пайдо мешаваду ҳам маконе барои истироҳату фароғат. Гузашта аз ин, дар фасли гармо дар дарёи мазкур кӯдакону наврасон ба оббозӣ машғул мешаванд, ки ҳамасола дар мавсими оббозӣ Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё аз хатари ғарқшавӣ ҳушдор медиҳад ё ин ки аз ғарқ шудани одамон дар ин дарё хабар медиҳад. Оё беҳтар нест, ки дар ин дарё ҷои махсусе барои оббозии кӯдакону наврасон ташкил карда шавад, ки ба ҷони онҳо хатар надошта бошад? Ба ҳамин монанд метавон дар соҳили дарёи мазкур чандин ҷойҳои истироҳату фароғат барои меҳмонону сокинони пойтахт ташкил намуд, ки аз сӯи дигар ба ҳусни пойтахтамон ҳусни дигар зам менамояд. Фикр мекунам, анҷоми ин корҳо натанҳо боиси истироҳату фароғати сокинони пойтахту пайдо гардидани чанд ҷои кор шуда метавонад, балки бо ин роҳ метавон диққати сайёҳони хориҷиро низ ба пойтахти кишвар ҷалб намуд.

Мутаассифона, имрӯз соҳили ин дарё барои баъзеҳо макони партовпартоӣ шудаасту барои иддаи дигаре ҷои худкушӣ. Агар шабона дар соҳили ин дарё қадам занӣ, чунон тирику воҳиманок аст, ки вуҷуди касро тарс фаро мегирад.

Хуб мешуд, агар масъулини ҳукумати шаҳри Душанбе бо кӯмаки соҳибкорону аҳолии шаҳр ба ободии "Душанбинка" иқдом кунанд. Дар баробари эълон намудани рӯзҳои ободонии шаҳр, дарёи пойтахт, ки маркази онро убур мекунад, бояд сарфи назар нагардад. Чунки ободии ҳамин дарё метавонад ба ҳусни шаҳр ҳусни тоза афзояд.

Агар мо дар ҳамбастагӣ тавонем, ки ин кори хайрро анҷом диҳем, пас метавонем ҳадс занем, ки "Мо метавонем!".

Ибодуллоҳи ТОҲИР

Эҳтиёт - ними ҳаёт

Ҷабр макун ба ҷони худ

ГУЗАШТАГОНАМОН тани сиҳатро беҳтарин неъмат шумурда, расидан ба қадри онро ҳамеша таъкид намудаанд. Чунончи, орифе фармудааст:

Аз муфлисӣ манол
чу дорӣ тани дуруст,
Нашнидаӣ, ки неъмати
сиҳат ганимат аст?

Инсон бо таъсири муҳити зист, сироятёбӣ, асабоният, камғизоӣ дигаргуншавии иқлим ва зарбу лат хӯрдан ба бемориҳои гуногун гирифтор мешавад. Солҳои охир бинобар зиёдшавии теъдоди нақлиёт ва сари чанбарак нишастани ронандагони ҷавону камтаҷриба шумораи садамаҳои нақлиётӣ зиёд ба назар мерасад. Чунончи, моҳи майи соли равон сокини 24-солаи пойтахт ҳангоми аз самти кӯчаи Фирдавсӣ ба тарафи кӯчаи Қосимова рафтан аз уҳдаи идораи мошин набаромада, ба симчӯби оҳанини канори роҳ бархӯрд. Дар натиҷаи ҷароҳати вазнини ҷисмонӣ гирифтан номбурда зимни ба беморхона бурдан ба ҳалокат расид.

Тибқи иттилои маркази матбуоти ВКД-и ҷумҳурӣ чанде пеш ронандаи автомашинаи тамғаи "Форланд", ҷавони 22-солаи сокини ноҳияи Рӯдакӣ дар ҳудуди шаҳри Норак аз беэҳтиётӣ ба девори бетонӣ бархӯрд. Дар натиҷаи садама мусофири автомашинаи мазкур, сокини 31-солаи пойтахт ҷароҳати вазнини ҷисмонӣ бардошта, дар ҷойи ҳодиса ба ҳалокат расид.

Баъзе ронандагон дар минтақаҳои аҳолинишин бо суръати баланд ҳаракат намуда, ҳолати садамавӣ ба миён меоранд. Масалан, сокини 27-солаи шаҳри Истаравшан ҳангоми бо автомашинаи тамғаи "Омег-Зефира" аз кӯчаи Гули Сурхи ҳамин шаҳр ҳаракат намуданаш бехатарии ҳаракат дар роҳро таъмин накарда, духтарчаи 6-соларо пахш намуд. Дар натиҷаи ҷароҳати вазнин гирифтанаш кӯдак дар беморхона ба ҳалокат расид.

Аз рӯи маълумоти Раёсати БДА-и ВКД-и ҷумҳурӣ дар се моҳи соли равон бо иштироки ноболиғон 76 садамаи нақлиётӣ ба амал омадааст, ки дар натиҷаи онҳо 19 нафар ба ҳалокат расида, 63 нафар ҷароҳатҳои гуногуни ҷисмонӣ бардоштанд.

Дар бехатарии роҳ ҳам ронандагон ва ҳам пиёдагардон масъуланд. Баъзан кӯдаконеро мебинем, ки аз фориғболии волидайн истифода бурда, дар кӯчаву хиёбон ва роҳҳои мошингард ба велосипедсаворӣ ё футболбозӣ машғуланд. Баъзан тӯб ба роҳи мошингард рафта, боиси даступогумкунии ронандагон мешавад. Ё кӯдакон саргармии бозӣ беихтиёр аз роҳ медаванд, ки сабаби саросема шудани ронандагон мегардад. Аз ин рӯ, волидайнро лозим аст, ки дар ин бобат фарзандонашонро таъкид намоянд. Дар пеш таътили тобистона аст. Аз ин рӯ, ҷои истироҳату бозии кӯдаконро мушаххас бояд кард. Зимни гузаштан аз роҳ танҳо аз ҷойҳои муайяншудаю бехатар убур намудан лозим аст.

Дидаву дониста қоидаи бехатарии роҳро вайрон кардан ҳам барои ронандагон ва ҳам барои пиёдагардон ҷабр ба ҷони худу дигарон аст. Беҳуда нагуфтаанд, ки **"Эҳтиёт - ними ҳаёт".**

С. СУННАТӢ

ОСОРХОНАИ РУСТАМИ АБДУРАҲИМ



Дар арафаи ҷашни 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаббуси мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб ва фарзандону пайвандони ҳунарманди муттоз шодравон Рустами Абдураҳим дар маркази шаҳр осорхонаи ин думбуранавози машҳур дари хешро ба рӯйи ҳаводорони ҳунар боз кард.

Маросими ифтитоҳи осорхона бо ҳузури намояндагони илму фарҳанги пойтахт, вилоят ва фаъолону сокинони шаҳри Кӯлоб хотиромон гузашт.

Муовини раиси шаҳри Кӯлоб Рустам Неъматов осорхонаро ҳамчун маркази фарҳангии тарбияи ҷавонон арзёбӣ намуд.

Меҳмонон зимни суханронии хеш аз Рустами Абдураҳим ҳамчун машшоқи нотакрор, омӯзгори варзида, зиёии пешқадам, шахси поквиҷдону ватандӯст, дорои хислатҳои ҳамидаи инсонӣ ва иродаи қавӣ бо некӣ ёдовар шуданд.

Сипас иштирокдорони ҷамъомад аз осорхона дидан намуда, бо зиндагиномаи Рустами Абдураҳим тавассути нигораҳо ошно шуданд.

Дар Кохи фарҳанги ба номи Рустами Абдураҳим озмуни дуторнавозон баргузор гардид.

Зикр шуд, ки ҳамасола бахшида ба зодрӯзи Рустами Абдураҳим дар шаҳри бостонии Кӯлоб бо мақсади дарёфти чеҳраҳои нави ҳунар, пайравони ин ҳунарманди нотакрор чунин озмун баргузор мегардад. Дар воқеъ оҳангҳои Рустами Абдураҳим саршори меҳру муҳаббат нисбат ба Ватан, ишқ ва тараннуми зебоиҳои табиатанд.

Он рӯз хотири иштирокчиёни ҷамъомад аз машшоқии набераи шодравон ҳофизаи ҷавону боистеъдод Меҳрнигори Рустам хеле болида гардид. Дар охир ба беҳтарин навозандаҳо, ки дар озмун ширкат доштанд, мукофотҳои хотиравӣ супурда шуд.

Сокинони шаҳри Кӯлоб ифтитоҳи осорхона ва баргузории чунин маҳфилҳои фарҳангиро ҳамчун шукргузорӣ аз оромии кишвар, ки бевосита бо дастгирию пуштибонии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати арҷгузорӣ нисбат ба гузаштагон дониста, ҷонибдории хешро аз сиёсати пешгирифтаи ин марди шариф иброз доштанд.

А.ҶӮРА

Минбари халқ
1 июни соли 2016,
№22 (1054)

ВОЛОҒУҲҲАР

Зиндагӣ ба масобаи пайроҳаи пурпечутобест, ки инсон чун мусофир гоҳ аз фарозу гаҳ аз нишеби он ранҷ мекашад ва гоҳе дар ҳамвориҳои он нафас рост мекунад ва чун ба роҳи тайкардаи худ менигарад, аз бурду бохт ёд меоварад.

Дар ҳамин лаҳзаҳост, ки инсон аз роҳи интихобкардааш ё қаноатманд мешавад ва ё таассуф мехӯрад. Замоне инсон

қаноатманду аз худ розӣ мегардад, ки орзуҳояш бароварда шудаву ба мақсуд расида бошад. Аммо:

Бе азми дурусту саъйи комил
Касро нашавад мурод ҳосил.

Ин сатрҳо ба зиндагии пурбори яке аз маорифчиёни асил, омӯзгори ботаҷриба, донишманди фарҳехта, доктори илмҳои филология, профессор Б. Мақсудов мутааллиқ аст, ки зиндагӣ ва фаъолияти пурсамар дорад.

Таърихи 27 феврали соли 1992 рисолаи илмиашро таҳти роҳнамоии устоди фақид Ш. Ҳусейнзода ва профессор Х.Шарифов дифоъ намуда, сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои филология гашт. Аз 29 марти 2000 бо қарори Вазорати маорифи Федератсияи Русия (№ 238-д) ба ӯ унвони илмии дотсент дода шуд.

Бо сазовор гаштан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филология ба танаффус ва фориғболӣ тан надод, чунонки аксаран дар ин мавридҳо муддате худро аз кори таҳқиқу пажӯҳиш дур мегиранд, балки бо шавқу масъулияти бештар ба таҳқиқ дар мавзӯи рӯзгору осори Камоли Хуҷандӣ ва дигар мавзӯъҳои адабиётшиносии асримиёнагӣ машғул шуд. Ӯ дар илми шарқшиносӣ аввалин муҳаққиқест, ки бо монографияи илмӣ ва силсилаи мақолаҳо (беш аз 60) дар зинда гардонидани номи шоири бузурги халқи тоҷик Камоли Хуҷандӣ саҳми бориз гузоштааст.

Мавсуф барои зинаи болои таҳқиқ бо машварати профессор Худоӣ Шарифов мавзӯи "Фахруддини Ироқӣ ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик"-ро интихоб намуд. 7 ноябри 2007 рисолаи докториро бомуваффақият ҳимоя намуд ва бо қарори ВАК Федератсияи Русия (№ 34д/9) барояш дараҷаи илмии доктори илми филология (дипломи № 008354) дода шуд.

Ду монографияи калонҳаҷми илмӣ ва беш аз 70 мақолаи илмии ӯ ба таҳқиқи рӯзгор ва осори шоири машҳури асри XIII Фахруддини Ироқӣ бахшида шудааст. Бахусус, рисолаи муфассалу муҳаққиқонаи "Ҷустуҷӯ дар аҳвол ва осори Фахриддини Ироқӣ", ки бо мусоидати Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон нашр ва дар доираи васеи донишмандони ватанию хориҷӣ муаррифӣ шуд (соли 2009), аз ҷониби мутахассисони соҳа баҳои баланд гирифтааст.

Бадриддин Мақсудов яке аз донишмандони дақиқназар ва аз ҷумлаи олимони пуркори тоҷик аст, ки дар таҳқиқи масъалаҳои назария ва таърихи адабиёти тоҷик саҳми арзанда дорад. Доир ба масъалаҳои гуногуни адабиёти гузашта ва муосири тоҷик беш аз 250 мақолаи илмӣ ва илмӣ-оммавии ӯ ба забонҳои тоҷикӣ, форсӣ, русӣ, англисӣ ба табъ расидаанд. Дар тайёр кардани кадрҳои илмии филологӣ низ саҳми бориз дорад. Се шогирди ӯ (Ш.Ғаффоров, Р.Наботов, Н.Абдулқаюм) рисолаҳои номзадиашонро дифоъ кардаанд ва алҳол се шогирди дохилию хориҷии вай дар арафаи дифоъ қарор доранд.

Монографияҳои илмии Мақсудов Б. "Рӯзгор ва осори Камоли Хуҷандӣ" (1994), "Сайре дар ғазалиёти Ироқӣ" (2007), "Феҳристи нусхаҳои дастнависи Маркази фарҳангии ба номи проф.Ш.Ҳусейнзода" (2007), "Ҷустуҷӯ дар аҳвол ва осори Ироқӣ" (2009), "Андалеби боғистони Хуҷанд" (2013) ба дасти хонандагон расидааст. Мақсудов Б. мунтахаби ғазалиёти шоирони машҳур Камоли Хуҷандӣ, Фахруддини Ироқӣ ва маҷмӯаҳои ашъори онҳоро борҳо (солҳои 1996, 2004, 2008, 2014, 2015) бо муқаддима ва тавзеҳи луғот ба табъ расонидааст. Дар соли 2012 китобаш "Равиши таҳқиқи адабиётшиносӣ" мунташир шуд. Ӯ соли 2013 ҷилди дуюми китоби таълимии "Таърихи адабиёти Эрон"-и Забеҳуллоҳи Сафоро ба хатти ҳозираи тоҷикӣ баргардонд ва бо тавзеҳи луғоту таркиботи номаънуси он ба чоп расонид. Соли 2015 китоби навбатии ӯ таҳти унвони "Равиши таҳқиқ дар адабиёти форсӣ (ва дигар риштаҳои улуми инсонӣ)" тавассути интишороти "Ҷиҳоди донишгоҳӣ" дар Теҳрон ба хати форсӣ нашр шуд. Профессор Б.Мақсудов бо маҷаллаҳои илмии "Паёми Донишгоҳи миллӣ", "Ахбори АИ ҶТ", маҷаллаҳои "Садои Шарқ", "Суханшиносӣ" ва рӯзномаи "Адабиёт ва санъат" ва ғайра ҳамкорӣ дошта, дар саҳифаҳои онҳо муттасил мақолаҳояш чоп мешаванд. Ҳамин пуркорӣ ва серталабӣ нисбат ба худ, назари дақиқ доир ба масъалаҳои гуногуни адабиётшиносӣ, масъулият дар кори таҳқиқу пажӯҳиш ӯро дар миёни олимони ватаниву хориҷӣ соҳибэҳтиром кардааст. Маҳз гавҳари илм қадру манзалати ӯро боло бурдааст:

Асли кас аз кас набошад кам,
чу ҷумла з-Одаманд,
Лек ҳар кас ҷавҳари илм аст,
вологавҳар аст.

Ӯ муаллифи 6 дастуру васоити таълимӣ ва 5 барномаи таълимӣ мебошад. Маҳфили таълимии ӯ "Равиши таҳқиқи адабӣ" донишҷӯёни зиёдеро гирди ҳам овардааст. Дар солҳои охир шогирдони тайёрнамудаи ӯ дар озмунҳои ҷумҳуриявии миёни мактабҳои олии кишвар борҳо ғолиб омада, ҷойҳои аввалро ишғол намудаанд.

Мавсуф бо Симо ва Садои Тоҷикистон низ ҳамкории хубро ба роҳ монда, ба ин восита дар тарғиби донишҳои адабӣ саҳми назаррас мегузорад. Аз тариқи суханрониҳо дар тарғиби сиёсати имрӯзаи давлату ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми муносиб мегузорад. Мақсудов Б. қобилияти баланди ташкилотчигӣ дорад. Борҳо узви Шӯрои олимони факултет ва узви бюрои иттифоқи касабаи факултет будааст. Ҳоло узви Шӯрои олимони факултет, ҷонишини раиси Ҷамъияти дӯстии Тоҷикистону Туркия, узви ҳайати таҳририяи маҷаллаи илмии "Язык. Литература. Образование" (Махачкала) мебошад.

Барои хизматҳои софдилонааш профессор Б. Мақсудов бо Нишони фахрии КМ ВЛКСМ (1985), Грамотаи Фахрии Вазорати маорифи Тоҷикистон (1987), Ифтихорномаҳои Донишгоҳ, нишони "Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон" (1997) ва Ордени "Шараф дараҷаи II"сарфароз гардидааст.

Мисбоҳиддини НАРЗИҚУЛ,
Мирзо СОЛЕҲОВ,
Муҳриддин НИЗОМОВ,
устодони МДТ

ЧОРАБИНИҲОИ ЗИДДИ СӮХТОРИИ КӮДАКОН

Аз тарафи кормандони хадамоти давлатии оташнишонии ВКД баҳри пешгирӣ намудани ҳодисаҳои сӯхтор аз оташбозии кӯдакону наврасон пайваста озмунҳо дар мавзӯи бехатарӣ аз сӯхтор ташкил ва гузаронида мешавад. Чанде қабл чунин озмунҳои зидди сӯхтори байни муассисаҳои таълимии ноҳияҳои Ҳисор ва Варзоб баргузор гардид.

Дар ин чорабини кӯдакону наврасон дар баробари дар расмҳояшон тасвир намудани омилҳои сар задани ҳодисаҳои сӯхтор боз шеъру саҳначаҳои ҷолиб дар мавзӯи бехатарӣ аз сӯхтор ба тамошобинон ва аъзоёни ҳакамон пешкаш намуданд.

Ҳадаф аз гузаронидани озмун ин омӯзиши кӯдакон бо риояи қоидаҳои бехатарӣ аз сӯхтор, тарбия ба кӯи некиву накӯкорӣ, бо ҳамдигар ва нисбати арзишҳои молию шахсии диёр мӯнису ғамхор буданро ҳидоят менамояд.

Дар охир аз тарафи роҳбарияти хадамотҳои мазкур ба ғолибони озмун туҳфаҳои хотиравӣ супорида шуда, инчунин таъкид шуд, ки онҳо боадаб будану хубу аъло хондан, рост гуфтану рост пазируфтанро интихоб кунанд.

МУСОБИҚАИ ВАРЗИШӢ

Қобили қайд аст, ки варзиш яке аз воситаҳои тарзи ҳаёти солим ва пешравии ҷомеа ба шумор рафта, ҳамчунин ба пешрафти фаъолияти ҳамарӯзаи ҳар як шахс, ба хусус оташнишонон, ки ин соҳа чусту чолокиро тақозо менамояд, нақши назаррас дорад.

Бо ҳамин мақсад ҳамасола мусобиқаҳои варзишӣ байни ҳайати шахсӣ ва роҳбарикунандаи ха-

дамоти давлатии оташнишонии ВКД, баҳри боз ҳам ривоҷу равнақ додани намудҳои гуногуни варзишӣ дар хадамоти мазкур ташкил ва гузаронида мешавад.

Ҳамин буд, ки дар варзишгоҳи машқӣ- таълимии РҲДО шаҳри Душанбе, мусобиқаи СХДО оид ба варзиши сабук байни ҷузъу томҳои Хадамоти оташнишонии горнизони Душанбе баргузор гардид.

Мусобиқа байни 16 даста аз рӯи намудҳои гуногуни варзишӣ, аз ҷумла давидан ба дарозии 100 метр, давидан ба масофаи 5 км, турниккашӣ, ҷаҳидан ба дарозӣ ва эстафетаи оташнишонӣ гузаронида шуд. Дар ин чорабинии варзишӣ ҷойи аввалро дастаи қисми 1-уми хадамоти оташнишонӣ оид ба муҳофизати ноҳияи Шоҳмансур, ҷойи дуюмро дастаи қисми 2-юм оид ба муҳофизати ноҳияи Фирдавсӣ ва ҷойи сеюмро дастаи қисми 13-ум оид ба муҳофизати шаҳри Турсунзода ишғол карданд.

Дар анҷоми чорабинӣ аз тарафи роҳбарияти Сарраёсат ғолибони мусобиқа бо ифтихорномаю туҳфаҳои хотиравӣ сарфароз гардонида шуданд.

Толиб ҲАЁТОВ,
Карроматулло АБДУЛЛОЕВ,
СХДО ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон

«ОИЛАИ ХУШБАХТТАРИН»-И НОҲИЯ

Баробари эълон гаштани ин хабари барои замон ва ҷомеаи мо муҳим дар тамоми идораву ташкилотҳо нақшаи чорабиниҳо тартиб дода шуд, зеро раиси ноҳия озмун эълон кард. Раис зимни суханронияш дар ҷаласаи васеъ таъкид кард, ки ҳар касе оилаи хушбахттарини ноҳияи моро ёфта, дар ин бора дар матбуоти ноҳиявӣ ё ҷумҳуриявӣ ягон матлабе омода созад, мукофоти калонеро, ки чӣ буданаш айни замон махфист, соҳиб хоҳад шуд.

РӮЗНОМАНИГОРОН чӣ, ки ҳатто муаллимоне ҳам, ки даъвои соҳибқаламиро доштанд, вазифаи хешро як сӯ гузошта ҷустуҷӯ ва дарёфти чунин хонаводаро касб карданд. Хабарнигорони гоҳномаи ноҳиявӣ бошанд, дар симои шоиртабъону омӯзгорону кулли дипломдорони гирду атроф, ки чизаке навишта метавонистанд, "конкурент" медиданд. Онҳо ҳатто дар симои аризабозон ҳам рақибонро барои дарёфти ҷоизаи раис эҳсос карда, дар таҳлукаи ҳарчи тезтар худашон ёфтани чунин оилаву навиштани мақолаи озмунӣ афтоданд. Онҳо, ки бо сабаби солиёни зиёд нашр нашудани газетаашон ҳатто навиштанро фаромӯш карда буданд, тамоми солро дар ҷустуҷӯи оилаи хушбахттарин гузаронида, хушбахтона, онро дар охири сол базӯр ёфтанд.

Дарро ба рӯяшон зани 65-солае бо чеҳраи шоду пурожанге кушод, ки далели "хушбахтӣ"-и занонааш дар симояш ҳувайдо буд, менависанд онҳо. Шавҳари 75-солаи ӯ бошад ин замон шоду мамнун якпаҳлӯ зада, болои чор қабат кӯрпача чойи "95" менӯшид. Ба суоли хабарнигорон: "Чӣ тавр онҳо ҳаёти хушбахтонаашонро "ташкил" карданд ва ин қадар сол бо ҳам шоду хуррам зистанд?", дарҳол ҷавоб надоданд. Ё дар посухи ин суоли душвор мушкилӣ мекашиданд, ё сирри муваффақиятҳои хешро кушоданӣ набуданд, ки хеле истиҳола карданд. Баъди хеле зораву тавалло кардани мухбирон онҳо бо риояи эҳтироми якдигар бо навбат чунин ҷавоб доданд. Кампир бо нигоҳи эҳтиромолуда ва каме тарс сӯи мӯйсафед нигоҳ карда, бо имои "марҳамат Шумо" даст пеши бар гирифт.

- Ман 50 соли ҳаёти якҷояамонро сарфи ин лаҳзаҳои хушбахтӣ, ки Шумо, инак шоҳиди он гаштаед, кардаам. Осон набуд, албатта то расидан ба он рӯзе, ки ман ба кампирам пурра бовар кардам. Ҳарчанд тамоми умр занамро истинтоқ намудам, задам, ҳар қадамашро назорат кардам, пойидам, аз хурду калон, худиву бегона маълумот ҷамъ овардам, хушбахтона ягон далеле дар бораи он, ки вай ба ман ҳамчун зан, ҳамсар хиёнат мекунад, наёфтам. Ин андеша маро қариб ним аср азият дод. Дар охири соли 49-уми зиндагиамон фаҳмидам, ки ӯ беҳтарин зан аст. Ва ман хушбахттарин мард будаам. Инак, дарёфтам, ки "зиндагӣ"-и хушбахтонаи мо ҳамто надорад. Ӯ ба сӯи занаш имо кард, ки чизе бигӯяд.

Раис аз журналистони маҳаллӣ ва телевизионҳои даъватшуда хоҳиш кард, ки чунин ҳаёти хушбахтонаро тарғиб созанд. Дар лабони пуртабассум ва хушбахти раис ва хабарнигорони кошифи ин оилаи хушбахт гӯё хандаву шодӣ раҳгум зада дигар берун рафта наметавонист. Дар минбар мӯйсафед бо виқори хоса ва ҳамсараш бо сару рӯйи бо шоли сиёҳаш пӯшида чун шаби тӯйи арӯсӣ паҳлӯи ҳам меистоданд. Касе надид, ки оби чашми зан чун борони баҳорӣ мерехту мерехт.

Зан низ бо овози ларзону чеҳраи пур аз ҳаё бо сари хам сухан оғоз кард. - Ман духтарчаи 15-сола будам, ки либоси арӯсӣ ба бар кардам. Албатта аз рӯзҳо аввал ҳис кардам, ки чӣ қадар маро шавҳарам дӯст медорад. Зеро рӯздармиён маро зада-зада мепурсид, ки мабодо ба ягон марди дигар нигоҳ накарда бошам. Модари раҳматиям мегуфтанд, ки рашк нишонаи дӯстдорӣ аст ман сабр бояд кунам ва боз шукр ҳам намоям, ки шавҳарам маро ин қадар сахт дӯст медорад. 50 сари сол исбот кардам, ки бегуноҳам ва ғайри ҳамин мард, дасти навозиши каси дигарро надидааму ба ӯ содиқам.

Ҳарчанд мӯсафедам чун тамоми мардони дигари олам дар ҷавониву пирӣ ҳам хелеҳо ба сӯи "чап" майлҳо ҳам мекард, вале дар аввали соли 49-уми зиндагиамон фаҳмидам, ки ӯ дигар танҳо аз они ман аст ва хушбахтии маро дигар ҳадду канор набуд. Умре бо шукри он, ки ҳамсари хуб дорам, зистаам.

Инак, мо шабу рӯз аз ҳамдигар лаҳзае дур намешавем, зеро дигар мо чунон ба ҳам монанд шудаем, ки ҳатто доруҳо ва бемориҳоямон низ якхелаанд.

Чунин хушбахтиву якдигарфаҳмӣ, ба фикрам, дар ягон оилаи дунё нест, хулоса карданд, хабарнигорон. Вале ин ду нафар сирри аслии хушбахтиашонро шояд накушодаанд? Муҳим он буд, ки ҳамагӣ 50-сол даркор шудааст, ки ин ду нафар барои якдигар "бахт" будани худро фаҳмидаанд-дарёфтанд аз сӯҳбат бо онҳо хабарнигорони ноҳияи мо.

Оре, Худованд ин ҷуфти "муносибро" барои ҳамдигар офаридааст. Дар зиндагии оилавӣ муҳимтарин чиз ҳамдигарфаҳмӣ аст, мегӯянд "коршиносони мустақил" ҳам.

Ҳарчанд онҳо барои "фаҳмидани ҳамдигар" 50 солро сарф карда бошанд ҳам, дар охир дарёфтаанд, ки чи қадар ба якдигар садоқат доранду муҳаббат.

Дар ин "оилаи хушбахт" - хушбахттарин нафараш боз зан будааст "кашфиёт"-и тозае кардаанд журналистони гоҳномаи ноҳия. Зеро дар тӯли 50 сол ҳам бошад, ӯ сабурона тавонистааст, ки бегуноҳии худро исбот кунад. Ва "хушбахтӣ"-яш ҳам маҳз дар он аст, ки ба ҳар ҳол ба зан бовар кардааст, мардакаш. Агар шавҳараш бовар намекард- чӣ? Ҳолаш чӣ мешуд? Хеле шавҳари "меҳрубон" будааст, хулоса карданд хабарнигорон. **Ин хел "бахт" ба ҳар кас муяссар намешавад!** -навиштаанд дар охири мақолаашон журналистони номдори ноҳияи мо барои озмуни "Оилаи хушбахтарин".

Раиси ноҳия зимни ҷамъбасти озмуне, ки тӯли якуним сол идома дошт, суханронии пурмуҳтавое карда ҳатто оби чашм рехт. Раис гуфт, ки чунин ноҳия ва чунин оила дар тамоми кишвар чӣ, ки ҳатто дар дунё нест. Раис аз журналистони маҳаллӣ ва телевизионҳои даъватшуда хоҳиш кард, ки чунин ҳаёти хушбахтонаро тарғиб созанд. Дар лабони пуртабассум ва хушбахти раис ва хабарнигорони кошифи ин **оилаи хушбахт** гӯё хандаву шодӣ раҳгум зада дигар берун рафта наметавонист. Дар минбар мӯйсафед бо виқори хоса ва ҳамсараш бо сару рӯйи бо шоли сиёҳаш пӯшида чун шаби тӯйи арӯсӣ паҳлӯи ҳам меистоданд. Касе надид, ки оби чашми зан чун борони баҳорӣ мерехту мерехт. Ӯ шаби тӯйи арӯсӣ ҳам чунин гириста буд, вале он вақт дасти шикаставу сари зада кафондаи шӯяш дард намекард. Хайрият ба ҳамин қадар шаттаву шаллоқи шӯ тоқат карда будаам. Инак 51-сола сабри ман қадр шуд. Шояд хушбахтӣ ҳамин аст? Оре ҳамин будааст, рост гуфта будааст, раҳматии бибиям, аз дил мегузаронд, ин ҳамсари "хушбахт"-и оилаи хушбахттарин Ҳама бо ҳавас ба онҳо менигаристанд ва таҳти навои мутантан раис ба ин оилаи хушбахт як кӯрпаи хитоӣ, як чойчӯши "Тефал", як ҷома ба марду як либос "паплин" ба зан туҳфа карда, Соли оиларо ҷамъбаст карданд.

Ба хабарнигорон бошад, барои як бори дигар нашр кардани рӯзномаи ноҳиявӣ дар Соли оила маблағ ҷудо карданд, ки дар он ҳамин репортаж ҳам нашр гардид.

Ҳ. ЮСУФӢ

Минбари халқ
1 июни соли 2016,
№22 (1054)

Бо меҳри дил дар ёдҳо

(Аввалаш дар шумораи гузашта)

-Ба ҷуз ин хотирот чизи дигаре ёдгор аз ӯ доред?

-Ифтихор мекунам, ки ду ҷилд китоби "Фарҳанги забони адабии тоҷик"- ро, ки шахсан бо дастнавис ба ман тақдим карда буданд, то ба имрӯз чун гавҳараки чашм нигоҳ медорам. Ин китобҳои нашри аввал буд, Маҳмудҷон оварда, таъкид карданд, ки ҳарчӣ бештар луғат омӯзам. "Таҳлилу тафсири ҳар калима дар ин китоб ҳаст ва ҳар чӣ бештар омӯзед, ҳамон қадар донишу ҷаҳонбиниатон васеъ мешавад ва ҳавастон ба адабиёт зиёд мегардад",- мегуфтанд.

- Ин тавсияву раҳнамоиҳо оё натиҷае медод?

-Таъсири бародар буд, ки пас аз хатми мактаб мехостам актёр шавам. Вале он кас мегуфтанд, ки "Шумоя қадатон паст, азоб мекашед. Бо ин қаду қомат на ҳар режиссёр ба шумо эътибор медиҳад". Бо тавсияи бародар дар Хуҷанд ба факултети забон ва адабиёти тоҷик дохил шудам, вале пас аз як муддати кӯтоҳи таҳсил дарк кардам, ки он ҷо ҷои ман нест ва институтро тарк кардам. Соли 1977 падарамон, ки ман дастёрашон будам, бандагӣ карданд. Пас аз он ба Душанбе омада ба Институти санъат ҳуҷҷат супорида, ба шуъбаи актёрӣ дохил шудам. Баъди хатми донишкада дар Театри ҷавонон ба кор оғоз намудам.

ПАС АЗ 50 РӮЗИ МАРГИ ПАДАР

-Бубахшед, даргузашти қиблагоҳиро соли 1977 гуфтед, яъне марги падару бародар ҳамзамон буд?

- На, падар моҳи август гузаштанд, бародарам шаби 8-9 ноябри ҳамон сол, пас аз 50 рӯзи даргузашти падарам ба таври фоҷиавӣ бандагӣ кард. Аммо гап сари ман буд: пас аз як муддати кор дар Театри ҷавонон, ки баъдтар ба номи бародарам гузошта шуд, дар театри "Аҳорун" тӯли даҳ сол кор кардам. Унвони Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистонро дар ҳамон давра ба ман лоиқ донистанд.

Маҳмудҷон дар солҳои авҷи фаъолият дар театру кино дар Донишкадаи санъат як муддат аз "Нутқи саҳнавӣ" ба донишҷӯён дарс медод. Баъдтар аз маъмурияти донишкада маро даъват карданд ва гуфтанд, ки "мехоҳем ин ҷо ин фани таълимиро ба кафедраи алоҳида табдил диҳем ва шумо ин ҷо кор кунед."

Ҳоло ҳам бо театри "Аҳорун" ҳамкорӣ мекунам ва ҳам ин ҷо дарс медиҳам.

- Ба зодгоҳ дер-дер мерафтанд? Боздид аз хонавода ва хешу табор чандрӯза ва барномаашон он ҷо чӣ гуна буд? Бо киҳо дидор мекарданд?

- Рости гап, дер-дер хабар мегирифтанд, вале бояд қайд кунам, ки ҳаққи падарро ҳар моҳ дар рӯзи муайян равон мекарданд. Ин ҳақ 50 рубл (сӯм)-и ҳамонвақта ва пули калон буд. (Барои он ки ба хонанда маълум шавад, ки ин пул чӣ арзише дошт, бо нархи маводи ғизоӣ ва хадамоти имрӯз мешавад қиёс кард: Он замон як халта орд ҳамагӣ 12 рубл, билети ҳавопаймои Душанбе- Москва 63 рубл буд.-С.Ю.). Сафару боздиди бародар аз зодгоҳ ва хабаргирии падар ҳамагӣ дар чанд рӯз ва гоҳе як ҳафта давом мекард. Меомаданд, 2-3 шаб хоб мерафтанд. Хешу таборро хабар мегирифтанд, ҳамсинфону дӯстонро медиданд ва бо ин баҳона, ки "кор бисёр аст", бармегаштанд. Мо ҳам ба ин бовар мекардем, зеро ҳеч гоҳ дурӯғ намегуфтанд.

- Падаратон, чӣ кора буданд, оё дар ҳамон солҳо шуғле доштанд?

- Падар мӯйсафед буданд. Аммо дар гузашта падарашон аз молдорон будааст. Пас аз Инқилоби Октябр бо тақозои шароити вақт ба хотири ин ки гап нашавад, як қисми молҳоро супорида, фақат чанд сар моли хонавода-вал ва саҳнаи такмили маҳораташ ҳамон дараю дашти Надог ва ҳавои софу беолоиши он маҳал будааст... Ӯ борҳо ёдовар мешуд: "Ҳар тобистон вақте ба Надог мерафтам, ҳамроҳи худ китоб мебурдам". Маро ҳам ки баъдтар дастёри падар будам, мегуфтанд: - "Надог - ба мераведмӣ? Бо худ китоб баред, вақт ёфта мехонед."

Ҳамин тавр маро ба хондан талқин мекарданд. Шояд аз хониши кабку паррандаҳои дашт ҳам илҳом мегирифтанду матни шеърро бурро ва баланд мехондагӣ шуданд. Маҳмудҷон мактаби миёнаро бо баҳои хубу аъло ба поён расонда, ба Душанбе меояд ва чун ҳаваси дар саҳна буданро дошт, ин ҷо дар Филармонияи давлатӣ як муддат кор ҳам мекунад ва баъдан бо ёриву мусоидати устоди зиндаёд Абдусалом Раҳимов якбора ба курси сеюми Донишкадаи давлатии театрии ба номи А.Л.Луначарский (ГИТИС) дохил шуда,таҳсил намудаанд.

Ман тасаввур мекунам, ки албатта якбора ду курс боло қабул шудану хондан хеле мушкил буд ва аз Маҳмудҷон кӯшиши зиёдро талаб мекард. Чунки дар баробари таҳсил бо ҳамсабақон барномаи таълимии ду соли аввалро ҳам аз худ карда, бояд имтиҳон месупорид.

Ҳамкурсон ба ҷасорату кӯшиши Маҳмудҷон қоил буданд, Зеро ӯ ҳамзамон бо ин ки баробарашон тамоми фанҳоро мехонд ва дар иҷрои саҳна ва намоишномаҳои курсӣ саҳм мегирифт, мавзӯъ ва сабақҳои солҳои гузаштаро ҳам тайёр карда, аз назди устодон мегузаронд ва баҳо мегирифт. Дар ҳамон солҳо буд, ки нақши Митяро дар намоишномаи дипломии поёни даврони донишҷӯӣ "Камбағалӣ айб нест" бозӣ кард ва баҳои аъло гирифт. Дар "Шоҳгавазн" нақши Дурандартеро бозид...

ҶАВОНИ 17-СОЛА МАСКАВРО ТАСХИР КАРД

Аз хотираҳои театршинос Аскар Абдураҳмонов, ҳамкурси М.Воҳидов дар Донишкадаи давлатии театрии ба номи А.Л.Луначарский (ГИТИС):

- Якуми апрели соли 1957 дар маросими кушоиши дувумин Даҳаи адабиёт ва ҳунари Тоҷикистон дар Театри калони Москва пас аз баромади гурӯҳи умумӣ ҷавони 17-солае бо ҷомаи беқасаб рӯи саҳна омад ва шеъри Мирзо Турсунзода дар бораи сулҳ ва дӯстиро хонд. Аҳли толор ӯро гарм қабул карданд, хоса овози ӯ ҳамаро тасхир кард. Ин ҷавон Маҳмудҷон Воҳидов, узви маҳфили ҳаваскорони деҳае аз ноҳияи Ашти вилояти Ленинобод ва аз иштирокчиёни ин Даҳа буд. Рӯзи дигар роҳбари бадеии студияи тоҷикии ГИТИС, профессор Ольга Пыжова вақти қаҳвонӯшӣ ба Абдусалом Раҳимов Артисти Халқии Тоҷикистон гуфтааст, ки аз шеърхонии Воҳидов хеле ба ваҷд омад. Раҳимов аз фурсат истифода бурда хоҳиш намудааст, ки ин тавр бошад, барои ба таври истисно қабул шудани ин ҷавон ба ГИТИС мусоидат кунад.

Ба гуфтаи Абдураҳмонов дар сентябри ҳамон сол ба гурӯҳи донишҷӯёни курси 3 Маҳмудҷон ҳам, ки тамоми имтиҳонҳои дохилшавиро бомуваффақият супорида буд, ҳамроҳ шуд. Ба шарте ӯ якбора ба соли сеюми таҳсил қабул гардид, ки агар дар ним сол тамоми имтиҳону санҷишҳои солҳои гузаштаро супорад. Агарчи забони русиро он вақт хуб намедонист, вале тамоми соатҳои озод аз дарсро дар китобхона мегузаронд, шабҳои дароз вазифаҳоро мехонд ва матнҳоро азёд мекард.

Соли 1960 буд. 20 нафар аъзои ин гурӯҳ барои ҳимояи диплом "Камбағалӣ айб нест"-ро ба саҳна гузоштанд. Маҳмудҷон дар ин намоиш нақши Митяро бозид ва дигар ҳамкурсонаш Тамара Абдушукурова, Ҳабибулло Абдураззоқов, Ҳошим Гадоев, Марям Исоева, Мукаррама Камолова, Фотима ва Соҷида Ғуломова, Носир Ҳасанов ҳам нақшҳое иҷро намуданд.

Мунаққиди театр, профессор Н.Нурҷонов он даврараро ба ёд оварда гуфтааст: "Ман ба Москва ба тамошои ин намоиш омада, мӯъҷизаро дидам. Хатмкунандагони студияи тоҷикӣ дар иҷрои пйесаи Островский, ки беш аз сад сол дар Русия ба саҳна гузошта мешавад, як нафасу ранги тозаро ворид карда буданд. Дар тарзи иҷрои нақшҳо ҳам навоварӣ ба назар мерасид. Ҳунармандон бо сару либоси русӣ, зиндагии русиро ба намоиш гузошта буданд, ороиши саҳна ҳам русӣ, аммо фикр, талош, эҳсос ҳама тоҷикӣ буд. Маҳмудҷон хеле бомаҳорат тавониста буд, ки образи нави қаҳрамонашро созад."

Гурӯҳи актёрони ҷавон, аз ҷумла Воҳидовро пас аз гирифтани диплом барои кор аввал ба Театри драмавии ба номи Пушкини шаҳри Хуҷанд фиристоданд ва пас аз чанд муддат онҳо ба Театри ба номи Лоҳутӣ омаданд. Дар ин театр ба Маҳмудҷон дарҳол иҷрои нақшҳои асосиро бовар карданд.

...Суҳбати мо рӯи нақши Маҳмудҷон дар ҷиҳати ворид кардани нафаси тоза ба театри русӣ идома меёбад. Ҳамсуҳбатам бо ёдоварӣ аз он даврон гуфт: - Вақте моноспектакли "Рубоиёти Хайём"-ро бо забони русӣ ҳам тайёр карда, 26 ва 27 апрели соли 1976 дар театрҳои Москва иҷро карданд, тақризҳои хуби театршиносон дар матбуот бо таҳсин аз ин намоишнома чоп шуд. Яке аз ин тақризҳо ба унвони "Хайям шагает по Москве" ба нашр расида буд, ки дар он аз тасхир ва моту мабҳут шудани тамошобинони рус ба ҳунару тарзи хониши Маҳмудҷон бо сароҳат баён мешуд.

Солеҳ ЮСУФОВ

Давом дорад

Агар пайдоиши алоқаи мобилиро ба ширкати Motorola нисбат диҳем, хато намешавад. Ин падидае, ки онро дар соҳаи алоқа инқилоб гӯем ҳам хато намешаваду феълан аз он миллионҳо сокини сайёра истифода мебаранд, ба фаъолияти муҳандиси ширкати номбурда Мартин Купер рабт дорад.

Таърихи пайдоиши телефони мобилӣ

НОМБУРДА дар рӯзҳои аввали кор аз дигар муҳандисон тафовуте надошт. Муддате нагузашта Купер барои пулиси шаҳри Чикаго ратсияи кисагӣ ихтироъ карда, бо ин амали худ дар ширкати Motorola барои сохтани телефони мобилии ҳамроҳ асос гузошт.

Баъди он ки радсияи сохтаи ин ширкат дар фаъолияти кори пулисҳои Чикаго ба хубӣ аз санҷиш гузашт, ширкат аз комиссияи федеролии коммуникатсия (FCC) бобати ба онҳо ҷудо намудани диапазони иловагӣ барои алоқаи мобилӣ дархост намуд. Ин ғоя барои курсинишинон хаёлӣ менамуд ва аксарият ба лоиҳаи рӯи қоғази Мартин Купер бовар карданӣ набуданд. Дар ширкат бошад барои амалӣ намудани ғояи Купер корҳои амалӣ авҷ гирифт. То санаи 3 апрели соли 1973 қариб ҳамаи амалҳо барои

санҷиши алоқаи мобилӣ ба анҷом расонида шуданд. Аз ҷумла, дар боми бинои 50 қабатаи Alliance Capital Building дар шаҳри Нью-Йорк стансияи пойгоҳии алоқаи мобилӣ, ки барои хизматрасонии 30 нафар муштарӣ таҷҳизонида шуда буд, насб гардид. Рӯзи санҷиши таҷрибавӣ 3 апрели соли 1973 муайян карда шуд.

Дар ин сана Купери дар даст нахустин телефони мобилӣ дошта, дар кӯчаи Манхеттэн сайругашткунон ба идораи маркази таҳқиқотӣ аз асбоби дастисози худ занг зада хоҳиш намуд, ки сарвари шуъба Ҷоел Энҷеларо ба назди телефон даъват кунанд. Ҳамин хел ҳам шуд. Аввалин муколама тавассути алоқаи мобилӣ ба иҷро расид. Баъди муваффақона анҷом дода шудани таҷриба Мартин Купер телефони мобилии худро бардошта ба нишасти матбуотие, ки аз тарафи ширкати Motorola созмон дода шуд, шитобид, то ба хабарнигорон оид ба ин кашфиёт хабар расонад.

Дар нишасти хабарӣ баробари посух ба саволҳои бешумор Купер ба журналистон иттилоъ дод, ки телефонии мобилии вай як килограмм вазн дошта, баландиаш 25, ғафсияаш 5 сантиметр аст. Ва муҳандис иқрор ҳам шуда буд, ки аз гаронии телефон вақти гуфтугӯй мушакҳои дасти вай ба дард омадаанд.

Нахустин телефонии мобилӣ танҳо баъди 10 соли ин ҳодиса - 6 марти соли 1983 аз тарафи ширкати Motorola ба фурӯш баромад, ки Dyna-Tac номгузорӣ шуда буд. Телефон 1, 15 кило вазн дошту аз 12 тугмача иборат буд. Аккумулятори ин телефон барои муоширати 35 дақиқа басандагӣ мекарду халос. Ҳол он ки онро дар муддати 10 соат пур кардан зарур меомад.

Новобаста ба ҳамаи ин камбудиҳо, телефони нахустин миёни ҷомеа нақши назаррасеро ҷойгузин шуда тавонист. Ширкат на ҳама иштиёқмандонро бо телефони мобилӣ таъмин карда метавонист. Барои соҳибият ба он амрикоиҳо барои чанд сол дар навбат меистоданд. Зеро барои таъмини дастгоҳу мавҷқабулкунак ва фиристонандаҳои мавҷӣ таҷҳизот ва маблағу нерӯи корӣ зарур буданд.

Агар соли 1987 дар саросари олам теъдоди дорандагони телефони мобилӣ ҳамагӣ як миллионро ташкил медод, ин рақам дар соли 1990 аллакай ба 11 миллион нафар расид. Ба якборагӣ зиёд шудани миқдори

ширкатҳои мобилӣ хизматрасонӣ ва арзиши онро ба маротиб коста гардонида, нафарони хоҳишманди истифодаи он ба якборагӣ зиёд шуданд. Бино бар маълумоти ҷамъияти байналмилалии телекоммуникатсионӣ соли 1995 беш аз 91 миллион абоненти телефони мобилӣ буданд. Соли 2008 шумораи нафарони аз хизматрасонии телефонҳои мобилӣ истифодабаранда наздики 3 миллиардро ташкил дод. Тибқи як омор, феълан дар ҳар як оилаи Тоҷикистон 3-4 адад телефонии мобилӣ рост омада, олимони соҳаи тиб дар хусуси зарари истифодаи ғайримақсадноку аз меъёр зиёди он ҳушдор медиҳанд. Ба ҳама ҳушдордиҳиву огоҳкуниҳо нигоҳ накарда, имрӯз касеро бе ин навъи муошират тасаввур кардан ғайриимкон мебошад.

Новобаста аз гуфтаҳои боло, истифода аз хизматрасонии телефони мобилӣ муоширатро дар саросари олам саҳлу сода намуда, фаъолияти он як навъ пешрафти техника дар сайёра маҳсуб мешавад.

Маъруфи БОБОРАҶАБ



ЧАРО ФАРҲАНГИ АСПСАВОРӢ ФАРОМӮШ ШУД?

Асп дар фарҳанги ҷаҳонӣ мақоми хосаеро ишғол мекунад. Аз ин рӯ, мардуми миллатҳои гуногун мувофиқи оину бовариҳояшон нисбат ба асп эътиқодҳои мухталиферо дар фарҳангашон инъикос мекунанд. Аз қадим дар байни халқиятҳо асп ҳамчун ҷонвари бофаросат, дастёри беминнат, ёвари мушфиқ ва номбардор маҳсуб мешавад. Масалан, дар замонҳои пеш дар Амрико,вақте ки соҳиби асп мефавтид, аспашро низ ҳамроҳи ӯ ба хок месупурданд.

ВАЛЕ бо мурури замон фаҳмиданд ин одатҳо, ки хароҷоти зиёдеро ба бор оварда, ба иқтисодиёт латма задааст, аз байн бардошта мешавад. Шоирону нависандагон ҳангоми офаридани ҳамосаҳо ва эпосҳо, умуман, асарҳои бузурги хеш ҳатман аз иштироки асп ҳамчун қаҳрамони мусбат истифода мекунанд. Ин ақидаҳо чӣ дар осори мардуми Ғарб ва чӣ дар осори мардуми Шарқ баръало намоён аст. Намунаи хоси ин гуфтаҳо асарҳои машҳуре чун "Савораи бесар"- и Майн Рид , ки аз вафодориву дилсӯзии асп қисса мекунад, ё худ шоири забардасти форсу тоҷик, Фирдавсӣ низ дар "Шоҳнома"-и хеш аз зиракиву чолокии Рахши Рустам тавсиф карда, он чун ҳайвони бофаросат гаштаву баргашта сутуда мешавад. Вафодории Рахшро Фирдавсӣ ба андозае самимона тасвир кардааст, ки хонандаро мафтун месозад. Масалан, саҳнае, ки Рустам ба хоби паҳлавонӣ рафтаву душманон дар қасди ҷонаш ҳастанд, Рахш буд, ки бо шиҳаи пуртаҳлукааш ӯро аз хоби гарон бедор менамояд, хеле ҳассос ба қалам дода шудаст.. Ин гуна қиссаҳои гуногун дар бораи асп дар фарҳанги халқи кишварҳои гуногун хеле зиёд ба назар мерасанд, ки аз муҳаббати инсонҳои тамоми дунё ба ин ҷонвари зебо дарак медиҳад.

Дар адабиёти илмӣ ин омил ҳамчун "тотемизм" маълуму машҳур буда, мувофиқи ин истилоҳ эътиқод, асотир ва расму оинҳои авлодию қабилавии инсонҳо ба тотемҳо вобастагӣ дорад. Ҳар як қавм ё авлод тотеми хос (як намуд ҳайвонот ё растанӣ, гоҳо падидаи табиӣ ё ашёи бечон)-и худро дошт. Ҳамин тавр муҳаббати тоҷикон низ ба асп аз бозмондаи ақидаи тотемизм (ҷонварпарастӣ) мебошад, ки дар байни аҷдодони мо то замоне расм будааст. Ин аст, ки шояд то ҳол дар баъзе минтақаҳо мардум аз истеъмоли гӯшти асп худдорӣ менамоянд ва аспро ҳамчун ҷонвари муқаддас мешуморанд.

Ин гуфтаҳо шояд ҳоло барои баъзе ашхос чун афсона ва ё ривоят намудор гардад, вале асли воқеият ин таҷрибаи чандинсолаи одамон аст, ки ҳанӯз ҳам барҷост. Чунончӣ, дар харсавориву аспсаворӣ одамон ба хулосае омаданд, ки ҳангоми ғалтидан аз хар шахс ҳатман ягон зарбаи ҷисмонӣ бардоштанаш мумкин ва ё худи хар метавонад аз ин фурсат истифода бурда, соҳибашро таги по карда гурезад. Вале баръакс, вақте ки шахс аз асп сарозер мешавад, кам лаҳзае мешавад, ки ягон ҷояш латма хӯрад, ҳатто худи асп аз ғалтидани соҳибаш пай мебарад ва дар ҷояш меистад, то ба ҷони ӯ хатаре эҷод накунад. Ин аст зиракӣ ва доноии асп, ки ба ҳамагон маълуму аён аст.

Акнун бигзарем аз ҳамаи ин ва мақсади асосиро пайгирӣ мекунем. Чаро имрӯзҳо дар байни мардҳо касалии чун простатит,-безурётӣ, аденома ва ғайраҳо рӯ ба инкишоф аст? Чаро мардҳо пештар ба ин гуна касалиҳо дучор намешуданд ва ё бобоён бобокалонони мо аз ин беморӣ ҳатто хабаре надоштанд? Ин саволҳо шояд имрӯз зеҳни чандин нафарро таҳрик медиҳад. Яке аз сабабҳои ба ин намуди беморӣ дучор нашудани гузаштагони мо маҳз аспсавории онҳо буд. Он замон ҳангоми рафтан аз як деҳа ба деҳаи дигар ё аз як ноҳия ба ноҳияи дигар онҳо аз асп истифода мекарданд. Асп барои онҳо ҳамчун нақлиёти беминнат хизмат мекард ва ҳам ба саломатии онҳо манфиатовар буд. На бӯйи бензин ва на садои муҳаррик асабҳои онҳоро хаставу афгор намекард. Вале, мутаассифона имрӯз мардум ҳатто як қадами онсӯтарро ҳам бе мошин намегузорад. Ҳама савори мошинҳо-хабаргирии хешу табор, туйи дӯстон, рафтан аз як деҳа ба деҳаи дигар агар масофаи кӯтоҳе ҳам дар байн мавҷуд бошад, бидуни нақлиёт " ғайриимкон" аст. Дуруст аст, ки ҳама чизро мувофиқи давру замонаш бояд ба кор бурд, вале на зиёдтар аз андозаи даркорӣ, ки зарар ба саломатии инсон бошад. Масалан, онҳое, ки ба кори фикрӣ машғул ҳастанд ва аз саҳар то бегоҳ дар болои миз мешинанд ва гузашта аз ҳамаи ин боз аз коргоҳ то хона савори мошин мераванд, беибо ба беморӣ дар боло зикршуда дучор хоҳанд шуд. Бинобар ин онҳое, ки намехоҳанд ба ин касалӣ дучор шаванд, ба варзиши аспсаворӣ машғул шуданашон лозим аст. Ва ё мувофиқи ақидаи олимони соҳаи тиб нафароне, ки тоза ба бемории простатит дучор шудаанд агар дар як рӯз чанд километр роҳро бо асп тай кунанд, боиси аз байн рафтани он хоҳад шуд. Ҳамин тавр, ба хулосае омадан мумкин аст, ки агар варзиши аспронӣ низ дар кишвари мо хуб ба роҳ монда шавад, хеле ба мавқеъ хоҳад буд. Зеро аспсаворӣ ва аспронӣ рӯҳи одамро болида мегардонад. Гарчанде ки дар байни шаҳр рондани асп ба қавле аз этикети шаҳрнишинӣ дур бошад, вале онҳое, ки муддатҳо дар корхонаҳояшон болои курсӣ нишаста ва баъд аз он савори мошинҳо ба хонаашон раҳсипор мегарданд, метавонанд пас аз "нишастан"-ҳои тӯлонӣ ба аспсаворӣ машғул шаванд. Ин ба саломатии онҳо, махсусан, мардҳо хеле лозим ва муфид аст. Албатта, нақлиёт кори одамонро хеле осон кард, вале ба саломатии онҳо зарари зиёде ҳам ворид сохт. Ҳароина аспсаворӣ беҳтарин воситаест, ки шахсони аз хастагии асаб ва умуман хастагии ҷисмонӣ рӯҳафтодашударо метавонад дар як лаҳза рӯҳбаланд созад. Яъне, аспсаворӣ метавонад боиси ҷасорат ва далериву шуҷоъии одамон низ гардад. Беҳуда нест, дар урфу одатҳои мардумони гуногун асп ҷонвари ғайримуқаррарӣ буда, чун ҳайвони зираку ҳушёр ва беозору фармонбардор тасвир шудааст. Дар таърих ягон шоҳ, амир ва ё императоре набудааст, ки бе асп бошад. Ва ин одат то ба имрӯз омада расидааст. Инкишоф додани варзиши аспронӣ натанҳо ба саломатии одамон муфид аст, балки аз пойдор кардани фарҳанги пешдодиёнамон дарак медиҳад. Бозиҳои гуногуни миллиамон маҳз бо аспрониву асптозӣ суръат мегиранд. Ба монанди чавгонбозӣ, ки бозии хоси миллати тоҷик аст, гарчанде ки имрӯзҳо баҳси зиёде дар бораи тааллуқ доштани он ба кадом миллат ба миён омадааст. Бояд кӯшиш кунем то бозиҳои варзишие, ки хоси фарҳангу одатҳои мо ҳастанд, фаромӯш насохта, барои инкишофи он дар байни мардум шароити мусоидро фароҳам орем. Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати ҷумҳурӣ вазифадор аст, бозиҳое, ки аз шуғлҳои қадими мардуми мо маҳсуб мешавад, дар байни варзишгарони ҷавон талқин кунанд, то мардум тавонанд аз фарҳанги миллии хеш ба пуррагӣ огоҳӣ пайдо кунанд. Оре, мо бояд нагузорем, ки ин гуна бозиҳои аҷдодии моро дигарон соҳиб шаванд ва бо ифтихор гуфта тавонем, ки он хоси миллат ва мардуми мост!

Гулҳаёи МАДИМАР

ТАВАҶҶУҲ!!!

Барои ҳамкорӣ ва ҷойгир кардани эълону реклама дар нашрияи "Минбари халқ" бо шумораи телефони 900-22-33-85 ва 238-72-10 занг занед.

НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН

МИНБАРИ ХАЛҚ

www.minbari.halk.tj
E-mail: minbarihalk@bkd.tj

Сармуҳаррир
Бахтиёр ҲАМДАМОВ

Рӯзнома моҳи декабри соли 1994 таҳти рақами 309 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.
Ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешаванд, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.
Идораи нашрия навиштаҳои муаллифонро дар шакли электронӣ дар ҳаҷми то 4 саҳифаи ҳуруфи Times New Roman tj 14 қабул мекунад.

БАРОИ МАЪЛУМОТ:

Дастгоҳи КИМ ҲҲДТ -
тел: 224-23-90, 224-83-72, 224-49-29, 221-63-21. факс: 224-27-59

Идораи рӯзнома
тел. 238-72-10, 238-54-61, 238-79-07, факс: 227-44-94

www.hamsafon.tj **E-mail: minbarihalk@bk.ru**

ҲАЙАТИ ЭҲОДӢ:
Котиби масъул: Маъруфҷон Маҳмудов
Муҳаррири масъул: Алиҷон Ҷӯраев
Хабарнигорон: Солеҳ Юсуфов, Ҳуринисо Ализода, Азамат Дӯстов, Ибодуллоҳи Тоҳир, Гулҳаё Мадимарова
Масъули чоп: Мирзоалӣ Юнусов
Ҳуруфчинон: Ҷамила Аҳмадова, Наргис Шамсова
Мусаҳҳеҳ: Сабоҳат Худоёрбекова
Суратгир: Тӯхтамурод Рӯзиев
Саҳифабанд: Фирдавс Таушаров

НИШОНИИ МО:
734018, ш. Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ, 16.
Индекси обуна: 68910

Макони чоп: нашриёти «Шарқи озод».

Теъдоди нашр: 54700 нусха

Навбатдор: АДӮСТОВ